АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА ВА СИЁСАТШИНОСИИ
БА НОМИ А.БАҲОВАДДИНОВИ АМИТ

Ба ҳуқуқи дастнавис

ТДУ: 1 (091):14
ТКБ: 87.3 (2)
К-26



КАРИМОВА СУМАЯ РУСТАМОВНА

ТАЪЛИМОТИ ФАЛСАФИИ САЛОҲУДДИНИ САЛҶУҚӢ

АВТОРЕФЕРАТИ

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа PhD, доктор аз руйи ихтисоси 6D020102- Таърихи фалсафа

Душанбе – 2026

Диссертатсия дар шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳовaддинови АМИТ иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: **Шамсов Мубораксшо Салоудинович** – номзади илмҳои фалсафа, дотсент мудири шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа ва сиёсатшиносӣ ба номи А. Баҳовaддинови АМИТ

Муқарризони расмӣ: **Нурулҳақ Қамар** – доктори илмҳои фалсафа, профессор, мудири кафедраи диншиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Норбоев Юсуфҷон Мардонқулович – номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Муассисаи пешбар: **Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

Ҳимоя санаи «24» уми декабри соли 2026, соати «16:00» дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D020102 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхонаи илмӣ ва сомонаи расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (www.tnu.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат санаи «___» _____ соли 2026 фиристода шуд.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои фалсафа, дотсент **Ҳаитов Ф.Қ.**

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи (предмет) таҳқиқот. Дар афкори иҷтимоӣ-фалсафии ҳаракати ислоҳотхоҳии садаҳои XIX-XX-и ҷаҳони мусулмонӣ, ба вижа Афғонистон Салоҳиддини Салҷуқӣ (1896–1970) ҷойгоҳи хос дорад ва нақши ӯ дар рушди фалсафаи Афғонистони садаи XX ҳамчун шахсияти фаъоли ҷамъиятӣ, ислоҳгар ва файласуф муассир аст. Салҷуқӣ тавассути фаъолияти илмӣ ва адабии худ муборизаи халқиятҳои Афғонистон ва инчунин кишварҳои ҳамҷавор, ба муқобили низоми мустамликадориро таҷассум ва дастгирӣ намуда, тавассути андешаҳои ирфонӣ ва ахлоқии худ масоили миллию сиёсии замонашро низ баррасӣ кардааст. Ӯ маорифро абзори мубориза бо ҷаҳолат, мазҳабгароии ифротӣ ва таассуб медонист ва таҳкими шуури миллӣ ва бедории маънавии мардумони Афғонистонро воситаи раҳоии инсону ҷомеа аз нобаробариҳо мешумурд.

Бо вуҷуди саҳми арзандаи Салҷуқӣ дар таҳаввули афкори замони худ, андешаҳои ӯ то имрӯз дар фазои илмии форсизабон, ба вижа дар фалсафаи муосир мавриди таҳқиқи бонизом қарор нагирифтааст. То ба имрӯз, ки ҳанӯз ҷаҳони мусулмонӣ, ба хусус Афғонистон бо сабаби таназзули иҷтисодӣ, иҷтимоӣ зери қудратҳои ҷаҳонӣ қарор дорад, бинобар ин зарурати бознигарӣ ва омӯзиши амиқи мероси фалсафии ӯ ба миён омадааст. Илова бар ин дар ҷаҳоне, ки бо бухронҳои ахлоқию маънавӣ ва таназзули арзишҳо рӯ ба рӯст, бознигарии андешаҳои файласуфоне чун Салҷуқӣ аз аҳмият холӣ нест.

Ҳамзамон, афкори фалсафӣ, аҳлоқӣ ва эстетикии Салҷуқӣ дар таълиму тарбияи ҳам халқи Афғонистон ва ҳам кишварҳои ҳамвҷавор, ки сатҳи таассуби динӣ ва хурофот то ҳанӯз баланд аст, метавонанд таъсири мусбат дошта бошанд. Ҷаҳонбинии ӯ барои рушди қобилияту малакаҳои зеҳнию ақлонӣ, тарбияи равонию ахлоқӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ метавонад мусоидат намоянд. Дар заминаи омӯзишу таҳқиқи афкори фалсафии ӯ метавон насли наврасу ҷавононро барои аз вартаи ҷангу парешонӣ, адовату хусумати динию мазҳабӣ ва ифротгароӣ, ки то ба имрӯз дар Ааафғонистон ва баъзе кишварҳои ҳамҷавори он дар ҳолати ривоҷёбӣ қарор доранд ва барои қудратҳои ҷаҳонӣ ба макони таъсиси гуруҳҳои экстремистӣ-террористии динӣ табдил ёфтаанд, раҳо ёфтан роҳнамоӣ кунад.

Ҳамзамон дар афкори фалсафии Салҷуқӣ хусусияти сулҳофарӣ ва ваҳдати миллӣ, ки муҳимтарин шарти бақои давлатдории миллӣ ба шумор меравад, равшан мушоҳида мешавад ва он метавонад барои рушду тараққиёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавии натанҳо ин сарзамини куҳан, ки ватани даҳҳо абармардони майдони илму фарҳанги ҷаҳонгири тоҷику форс мебошанд, ҳамчунин кишварҳои ҳамҷавор ба ҳайси як методологияи идеологӣ хизмат карда метавонад. Хулоса дар афкори адабию фалсафии ин мутафаккири маорифпарвару равшанфикр бисёр масъалаҳои сиёсию иҷтимоӣ, маърифатӣ, динӣ ва ахлоқӣ, ки аз даврони зуҳури тамаддун то имрӯз ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардаанд, инъикос ёфта, роҳҳои

ҳалли онҳо низ шарҳу тавзеҳ дода шудаанд, ки арзиш ва мубрамияти таҳқиқи мавзуъро меафзояд.

Дар ниҳоят як нуктаи муҳимро бояд ёдовар шуд, ки Афғонистон имрӯз ба яке аз марказҳои тарғиби ақидаҳои ифротгароии ҷараёнҳои сиёсӣ-динии исломӣ, ба мисли Салафия, Ансол-уллоҳ ва ғайра табдил ёфтааст. Салафия ба мазҳаби ҳанафия ва исмоилия, ки пайравонашон шаҳрвандони Афғонистону Покистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошанд, ихтилофӣ зиёд дорад.

Андешаҳои Салқуқӣ дар бораи ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ, инсоншиносӣ, зебоишиносӣ ва афкори ахлоқии ӯ арзишу аҳаммияти умумибашарӣ доранд. Бинобар он коркарди таълимоти фалсафии Салҷуқӣ барои мардумони ин кишварҳо низ аз аҳамият холӣ нест. Алалхусус, дар шароити кунунӣ, ки Афғонистон ва мардуми шарифи он зери ҳокимияти сиёсӣ-динию Толибон қарор доранд ва хатари экстремизму терроризм ва мафкураи ифротгароӣ аз ин мамлакат ба кишварҳои ҳамҷавори он таҳдид карда истодааст, шиносоӣ бо афкори фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ на танҳо барои ҷавонон ҳамчунин барои ҳаркадом шаҳрванди ин кишвар арзёбӣ мегардад, зеро афкори фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ шаҳрвандонро метавонад дар руҳияи инсондӯстӣ, таҳаммулпазирӣ, дӯстию рафоқат, илмпарварию меҳнатдӯстӣ, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон тарбия менамояд. Таълимоти фалсафии ӯ дар заминаи сарчашмаҳои исломӣ ва афкори мутафаккирони Шарқу Ғарб симои маънавию ахлоқии инсони комилро дарёфта, онро дар осори худ тасвир кардааст. Дар осори ӯ фалсафа бо дин, ақл бо имон ва ҷисм бо маънавиёт на дар ҷангу набард, балки дар ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ баён ёфтааст. Кимиёи саодат ва рушду бақои ҳаёти моддию маънавии инсон ва ҷомеаро мутафаккир дар мутавозину ҳамоҳанг сохтани қобилияту истеъдоди нерӯҳои аслии инсонӣ бо ниёзҳо ва ормонҳои иҷтимоӣ мебинад. Ҷойи таассуф аст, ки чунин андешаҳои илман асоснок ва мазмунан ҷолиб, ки дорои аҳамияти баланди тарбиявию ахлоқӣ мебошанд, то кунун на дар Афғонистон ва на дар хориҷ аз ҷониби муҳаққиқону пажӯҳишгарон ба таври амиқу маҷмуавӣ омӯхта нашудааст. Аз ин хотир, диссертант кӯшиш ба харҷ додааст, ки таълимоти фалсафии Салҷуқиро аз назари таърихӣ-фалсафӣ таҳқиқ карда, ҷанбаҳои онтологӣ, гносеологӣ, антропологӣ ва ахлоқию эстетикии онро баррасӣ намуда, аҳамияти илмию амалии консепсияи фалсафии мутафаккирро ҳамчун як сарчашмаи муфиди илмию амалӣ барои таълиму тарбияи шоистаи насли ҷавон, умуман нишон диҳад, зеро аз нигоҳи ӯ, таълимоти фалсафии Салҷуқӣ воситаи маънавии муҳими муқовимат бо мафкураи ифротгароӣ мебошанд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Мероси илмӣ ва адабии Салҷуқӣ чуноне ки дар боло зикр гардид, берун аз марзи Афғонистон кам таҳқиқ шудааст. Вале андешаҳои фалсафии ӯ аз ҷониби олимон ва донишмандони тоҷик хеле нокифоя мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд.

Олимон ва мутафаккирони Ғарбу Шарқ, ки бо мероси эҷодии Салҷуқӣ шинос ҳастанд, аз ҷумла, муҳақиққони мисрӣ, ба мисли Мансури Фаҳмӣ [86], Муҳаммад Шавкат ал-Тунӣ [109], Маҳмуд абу Райя [90] ва дигарҳо, ба шахсияти ӯ ҳамчун олим, шоир ва мутафаккир баҳои баланд додаанд. Олимони номбурда бо Салҷуқӣ, ҳангоме, ки ӯ дар Миср ҳамчун сафир адои хизмат мекард, шахсан шиносоӣ доштанд. Дар Миср Салоҳуддини Салҷуқӣ бо забони арабӣ чандин китобу мақолаҳо таълиф намуд ва дар муддати кӯтоҳ дар доираҳои илмии Миср ба шахси муътабар ва обрӯманд табдил ёфт. Аз ин рӯ, олимони мазкур бо осори Салҷуқӣ ошноӣ доштанд ва ӯро ҳамчун файласуф, маорифпарвар, олим, адабиётшинос, сиёсатмадор таърифу тавсиф менамуданд.

Ба осори фалсафию адабии Салҷуқӣ олимони эронӣ низ таваҷҷуҳ кардаанд. Донишмандоне чун Бобак Аҳмадӣ [61], Басири Аҳмад Давлатободӣ [55], Муҳаммад Тақии Мисбоҳ Яздӣ [100], Муртазо Мутаҳҳарӣ [96], Парвиз Марзбон [119], Муҳаммад Ҳусайни Таботабоӣ [106], Насири Фуқуҳӣ [115] ва дигарон ба эҷодиёти Салҷуқӣ баҳои баланд дода, аз андешаҳои ӯ дар таҳқиқоташон иқтибос овардаанд.

Эҷодиёти илмию адабии Салоҳуддини Салҷуқӣ аз мадди назари олимону муҳаққиқони Шуравӣ ва муосири русу тоҷик берун мондааст. Аммо, дар осори теъдоде аз муаррихони русу тоҷики садаи XX номи ӯ дар радифи маорифпарварону донишмандони бузурги Афғонистон зикр шудааст. Дар байни онҳо асарҳои Р.Т. Ахрамович [52], С.Б. Панин [118], Л.Б. Теплинский [139], К. Карло [81], Х.Н. Назаров [112] ва дигаронро метавон зикр кард.

Донишмандони маъруфи Афғонистон аз ҷумла, Халилуллоҳ Халиллӣ [147], Муҳаммад Ҳусайни Вафо [102], Ғулом Ҳабиб Навобӣ [64], Муҳаммад Шавкат Алтунӣ [109], Шер Муҳаммади Насирӣ [166], Тахмос Азизи Осуда [138], Саид Козими Раштӣ [120], Холмуҳаммади Хаста [148], Шокир Ғулом Умар [167] ва дигарон ба назарияҳои ӯ дар соҳаи илмҳои иҷтимоӣ, махсусан фалсафӣ, муроҷиат намуда, ба фикру ақидаҳои ӯ баҳои баланд додаанд. Алалхусус, дар мақолаҳои Раҳмуллоҳи Ризоӣ «Бергсон ва Салоҳуддини Салҷуқӣ», Башорат Ансорӣ «Лоиҳаи нашри афкор ва осори Салоҳуддини Салҷуқӣ», Қайюм Башир «Ёддоштҳо аз Салоҳуддини Салҷуқӣ ҳамчун файласуф, нависанда, шоир ва дипломат», инчунин мақолаҳои Мир Ғулом Муҳаммади Ғубор «Шахсият ва мавқеи муаллим ва доктор», Ҳафиз Саҳро «Шахсияти бузурги илмӣ», ки бо забони пашту таълиф шудаанд ва дар як маҷмуа бо номи «Саввумин солгарди вафот» нашр шудаанд, оид ба аҳвол ва осори Салоҳуддини Салҷуқӣ маълумоти ҷолибе мавҷуд аст.

Дар матбуоти даврии Афғонистон низ олимону рӯзноманигорон вобаста ба зиндагинома, афкор ва осори Салҷуқӣ мақолаҳои зиёди илмӣ ба табъ расонидаанд. Масалан, монографияи муҳаққиқи афғонистонӣ Ғулом Ҳабиб Навобӣ «Салҷуқӣ нависандаи барҷаста», инчунин маҷмуаи мақолаҳои конфронси илмӣ бахшида ба осори Салҷуқӣ таҳти унвони «Устод Салоҳуддин Салҷуқӣ – мутафаккири оянда»-ро метавон зикр кард. Дар маъхазҳои зикршуда баъзе

масъалаҳои алоқаманди мавзуи кори диссертатсионии мо мухтасар зикр шудаанд.

Аз асарҳои илмии ба аҳвол ва осори Салоҳуддини Салҷуқӣ бахшидашуда рисолаи номзадии Обида Бежан Салҷуқӣ [181] таҳти унвони «Таълимоти Салоҳуддини Салҷуқӣ дар бораи инсон»-ро, махсусан бояд қайд кард. Дар он муаллиф мақом ва нақши Салоҳуддини Салҷуқиро дар афкори ҷамъиятию фалсафии Афғонистон нишон дода, ҷаҳонбинии фалсафӣ ва мероси илмию адабии мутафаккирро мухтасар шарҳу тавзеҳ додааст. Дар ин асар таълимоти Салоҳуддини Салҷуқӣ дар бораи моҳияту табиати иҷтимоии инсон нисбатан амиқ таҳлилу баррасӣ шудаанд. Муаллиф муносибати мутафаккирро бо консепсияҳои фалсафӣ перомуни инсон муайян карда, андешаҳои ӯро дар бораи ҳастӣ ва табиати иҷтимоии мафҳуми озодӣ, қазову қадар, ҳадафҳо, мазмуни ҳаёт ва рисолати инсон дар ҷомеа шарҳу тавзеҳ дода, таълимоти ҳастишиносӣ ва маърифатшиносии Салоҳуддини Салҷуқиро ба қадри тавон таҳқиқ намудааст. Лекин дар мавзуи мавриди назари мо таваҷҷуҳи хос накардааст, зеро мақсад ва мароми таҳқиқоти диссертатсионии ӯ мушаххас ба масъалаи инсон нигаронида шудааст.

Умуман, Салоҳуддини Салҷуқӣ ҳамчун мутафаккир, олим, адиби ислоҳхоҳ ҳудуди 34 асар ва беш аз 200 мақола навиштааст, ки то кунун ҳамаҷониба омӯхта нашудаанд. Осори пурғановати Салоҳуддини Салҷуқӣ, бо назардошти мазмуни инсонгароию инсонпарварӣ ва маорифпарваронааш, сазовори таҳқиқоти бештар, васеътар ва мукаммалтар мебошад. Таҳқиқоти диссертатсионии мо як қадами навбатӣ дар ин самт арзёбӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, бояд гуфт, ки бо вуҷуди аз ҷониби баъзе муҳаққиқон таҳқиқ гардидани мероси илмию адабии Салоҳуддини Салҷуқӣ вале таълимоти фалсафии ӯ дар боби ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ ва зебоишиносию ахлоқ то ҳанӯз ба таври мушаххас мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст, ба хусус аз ҷониби муҳаққиқон он мафҳумҳои фалсафие, ки ҳангоми баёни андешаҳои фалсафии хеш Салҷуқӣ истифода кардааст, ба тарзи кофӣ арзёбӣ нагардидаанд. Ҳол он ки мафҳуму андешаҳои наве, ки Салҷуқӣ дар боби ҳастишиносӣ, гносеология, аҳлоқу зебоишиносӣ истифода ва баён кардааст, барои ислоҳи ҳаёти иҷтимоию маънавии ҷомеа аҳамияти хос доранд. Бинобар он, мо масъалаҳои ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ, инсоншиносӣ ва зебоишиносии инсонро дар таълимоти фалсафии Салҷуқӣ мавриди баррасӣ қарор додем.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ. Диссертатсия дар доираи татбиқи ҷанбаҳои гуногуни барномаҳои давлатии марбут ба соҳаи фарҳанг ва дар ин замина амалӣ кардани сиёсати фарҳангии кишвар дар давраи истиқлол, аз ҷумла «Барномаи давлатии рушди мусиқии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015»/Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2010, № 322; «Барномаи давлатии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ барои солҳои 2021- 8 2025»/Ќарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 майи соли 2020, №253; «Барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои

2021-2025»/Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2021, №115; «Барномаи давлатии ҳифзи мероси фарҳанги ғайримоддӣ барои солҳои 2021-2025»/Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2020, №206 ва ғайра, инчунин мавзуи панҷсолаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи фалсафаи фарҳанги Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳовaддинови АМИТ зери унвони «Масъалҳои методологии таҳқиқи афкори фалсафӣ, ахлоқӣ-иҷтимоӣ ва тасвири олам дар осори мутафаккирони тоҷик» барои солҳои 2022-2026 (№ 3408/24-225 0121TJ1287) мавриди иҷро қарор гирифтааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мувофиқи талаботи бахши тавсифи умумии таҳқиқот тасмим гирифта шуд, ки мақсади таҳқиқот муайян карда шуда, дар заминаи он вазифаҳои иҷрошаванда мушаххас гардонида шаванд. Объекту предмет, марҳилаю макон ва доираи таърихии таҳқиқот, асосҳои назариявӣ, асосҳои методологии таҳқиқот, сарчашмаҳои маълумот, заминаҳои эмпирикӣ, пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда вобаста ба тамоюлгирии мазмун ва моҳияти мавзуи таҳқиқотӣ дақиқ нишонрас карда шудааст. Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия, мутобиқати он ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар доираи таҳияи таҳқиқот мушаххас нишон дода шуда, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, баромаду гузоришҳои довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ, ки диссертант бевосита иштирок ва маъруза кардааст, бо зикри макон ва соли баргузорӣ дарҷ гардидааст. Ҳамзамон, дар ин қисмати кор теъдоди интишороти диссертант аз рӯйи мавзуи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои илмии эътирофкардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр 4 расидаанд, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ва шумораи адабиёти истифодашуда нишон дода мешавад.

Мақсади таҳқиқот. Аз ҷиҳати назариявӣ омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи таълимоти фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ.

Дар заминаи амалӣ кардани ҳадафи гузошташуда дар таҳқиқи мавзуъ диссертант иҷрои вазифаҳои зерини таҳқиқоти муҳим мешуморад:

- тавсифи умумии замони зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии Салоҳуддини Салҷуқӣ;
- шарҳи вазъи сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии замони Салоҳуддини Салҷуқӣ;
- муайян кардан ва шарҳ додани заминаҳои ғоявию фарҳангии ташаккули ҷаҳонбинӣ ва афкори фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ;
- баррасии андешаҳои ахлоқӣ ва зебоишиносии Салҷуқӣ;
- таҳқиқи андешаҳои ҳастишиносии Салоҳуддини Салҷуқӣ;
- таҳлилу арзёбии фалсафаи гносеологии Салҷуқӣ;
- тавзеҳи масъалаҳои антропологӣ дар таълимоти фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ;
- муайян кардани мақом ва нақши таълимоти фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ дар таърихи афкори

ҷамъиятию фалсафии Афғонистон ва таъсири он ба афкори иҷтимоию фалсафии ҷаҳони ислом.

Объекти таҳқиқот. Омӯзиш ва таҳқиқи осори фалсафӣ-илмии Салоҳуддини Салҷуқӣ.

Мавзуи (предмети) таҳқиқот: Андешаҳои фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ доир ба ҳастӣ, маърифат, зебоишиносӣ ва мақоми инсон дар ҷомеа.

Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот. Интихоби мавзуъ, омӯзиш ва ҷамъоварии мавод, ҷо ба ҷо гузорӣ ва коркарди он ҷиҳати омода кардани диссертатсия аз соли 2021 дар шуъбаи таърихи фалсафаи ИФС-и ба номи А.Баҳовaддинови АМИТ шурӯъ гашта, соли 2026 ба анҷом расонида шуд. Мувофиқ ба талабот ва фарогирии ҷанбаҳои мухталифи мавзуъ доираи таҳқиқи ҳамаҷонибаи мероси фалсафӣ ва илмии Салоҳуддини Салҷуқӣ, муайян намудани хусусиятҳои ҷаҳонбинии фалсафӣ ва саҳми ӯ дар рушди афкори илмӣ-фалсафии давраи худ.

Асосҳои назариявии таҳқиқот: Асосҳои назариявии таҳқиқотро муқаррароти илмие ташкил медиҳад, ки дар осори файласуфони Ғарб ва Шарқ зиёд ба чашм мерасад. Ҳангоми пажӯҳиш ва арзёбии масъалаҳои таҳқиқшаванда, таҳлили андешаҳои онтологӣ, гносеологӣ ва антропологии Салоҳуддин Салҷуқӣ аз усулҳои анъанавии умумиилмии фалсафӣ, ба мисли усули диалектикӣ, таърихӣ, феноменологӣ, герменевтикӣ, интиқодӣ ва дигар усулҳои илмию мантиқӣ истифода шудаанд.

Асосҳои методологии таҳқиқоти: Асосҳои методологии таҳқиқотро пажӯҳиш бо истифода аз методҳои назариявӣ ва амалии бадастории донишҳои илмӣ, аз ҷумла усулҳои гуногуни мантиқӣ ва илмӣ, ба монанди усули таърихӣ-фалсафӣ, усули аксиологӣ ва интиқодӣ, усули гузариш аз таҳлили таҷридӣ ба таҳлили мушаххас, усулҳои муқоисавӣ, таҳлил ва таркиби мавод, баъзан унсурҳои герменевтика ва ғайра ташкил додааст.

Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот ба воситаи маълумоти дар асоси омӯзиши афкор ва осори Салоҳуддини Салҷуқӣ ва омӯхтани афкори фалсафии мутафаккирони Юнони қадим ва Шарқу Ғарб, ки самтҳои онтологӣ, гносеологӣ, антропологӣ, эстетикӣ ва ахлоқии афкори фалсафиро таҳқиқ кардаанд, ташкил медиҳанд. Инчунин ҳамарӯза истифодаи воситаҳои гуногуни инноватсионӣ дар раванди корҳои таҳқиқотӣ дар ҷараёни омӯзиши афкори фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ ва натиҷаи онҳо таҳлилу баррасӣ шуда, тавассути гузаронидани суҳбатҳои инфиродӣ ва гурӯҳӣ бо мутахассисони соҳа, ки ба таҳқиқи афкори фалсафӣ машғул мебошанд, сурат гирифтанд. Илова бар ин таҳлил намудани афкори файласуфони ватанию хориҷӣ дар бораи андешҳои онтологӣ, гносеологӣ, антропологӣ ва эстетикии Салоҳуддини Салҷуқӣ заминаҳои эмпирикии таҳқиқот мебошанд.

Пойгоҳи таҳқиқот. Диссертатсияи «Таълимоти фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ» дар заминаи шуъбаи таърихи фалсафаи ИФС-и ба

номи А.Баҳовaддинови АМИТ ба анҷом расонида шуд. Дар баробари ин, пойгоҳи таҳқиқоти мазкурро сарчашмаҳои муътамади илмӣ, асарҳои таълифкардаи муҳаққиқони ватанию хориҷӣ доир ба мавзуи баррасишаванда ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулкардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

Навгонии илмии таҳқиқот: Дар кори диссертатсионии мавриди назар навгонии таҳқиқ чунин ифода шудааст:

- ошкор карда шуд, ки он афкори фалсафии файласуфони Юнони қадим, махсусан Афлотуну Арасту, навафлотуния, инчунин машшоияи шарқӣ, калом, ирфони исломӣ, ишроқ, фалсафаи классикии немис, ислоҳотхоҳони мусулмон ва таълимоти баъзе намояндагони фалсафаи замони нави Ғарб ҳамчун сарчашмаи ғоявии ташаккули афкори фалсафии Салоҳуддин Салҷуқӣ хизмат намудаанд;

- муайян карда шуд, ки Салҷуқӣ дар баҳси масъалаҳои ҳастӣ мавқеи устувор надорад ва аз дидгоҳҳои мактабҳои гуногуни фалсафӣ ба он таваҷҷуҳ намудааст;

- исбот карда шуд, ки Салҷуқӣ дар масъалаҳои маърифатӣ навгӯиҳо дорад ва маърифати ирфониро дар радифи дигар шаклҳои маърифат баррасӣ намудааст;

- мушаххас карда шуд, ки Салҷуқӣ инкишофу пешрафти ҳаёти иҷтимоиро дар таносуби шуури ахлоқиву эстетикӣ мебинад ва ба ин мавзӯъ сирф ба диди ақлонӣ таваҷҷуҳ менамояд;

- асоснок карда шуд, ки Салҷуқӣ ҳарчанд масъалаи инсонро дар заминаи таълимоти мактабҳои фалсафии классикӣ баррасӣ менамояд, аммо бо диди нав ба он бархӯрд намуда, низоми нави мантиқӣ маърифати моҳияти инсонро ҳамчун субъекти созанда пешниҳод мекунад.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Осори фалсафӣ ва ахлоқии Салоҳуддини Салҷуқӣ дар замони муосир аҳаммияте фаротар аз ҳудуди таърихӣ ва миллӣ доранд. Зеро вай кӯшиш мекунад, ки миёни инсон ва олам дар заминаи донишҳои фалсафӣ муносибати амиқи маърифатӣ барқарор намояд. Ӯ ба ин масъала бо услуби мантиқию таҳлилӣ ва дидгоҳи ирфонӣ таваҷҷуҳ намудааст, ки мураккабу печида мебошад. Мутафаккир дар масъалаи таносуби ҳастии инсон ва камолоти маънавии ӯ таҳти таъсири мактабҳои фалсафии машшоия, муътазила, калом, ирфон ва ғайра қарор гирифтааст.

2. Таълимоти фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ бо такя ба афкори файласуфони Шарқу Ғарб шакл гирифтааст. Салоҳуддини Салҷуқӣ аз таълимоти файласуфоне чун Суқрот, Афлотун, Арасту, Фаробӣ, Ибни Сино, Ибни Арабӣ, Декарт, Кант, Гегел, Бергсон ва дигар файласуфони маъруф таъсир пазируфта, дар ин замина андешаҳои фалсафии хешро ироа намудааст. Бархе аз ҷанбаҳои амалии вуҷуд ва воқеияти инсони муосир, аз ҷумла арзиши амал, нерӯи офаридгории

инсон ва ҷойгоҳи гуманизм дар низоми фалсафаи муосир аз ҷониби ин донишманд мавриди таҳқиқи мустақил қарор гирифтаанд.

3. Баррасии фазилатҳои этикӣ ва эстетикӣ дар осори Салоҳуддини Салҷуқӣ мавриди таваҷҷуҳи мутафаккир қарор дошта, назари хоси таҳлилӣ ва интиқодии ӯро нисбат ба ин масоил такмил додаанд. Андешаҳои ӯ дар ин самт таҳти таъсири таълимоти файласуфони гуногун ба вуҷуд омада, фазилатҳои ахлоқӣ ва зебоишиносии ӯ аз нигоҳи динӣ, фалсафӣ ва ирфонӣ баррасӣ шудаанд ва зарурияти таҳқиқи онро ба миён меоранд.

4. Бояд гуфт, ки баъзе масъалаҳои фалсафаи ҳастӣ ва маърифатшиносии Салҷуқӣ аз таснифоти мутафаккирони гузашта фарқ мекунад. Консепсияи ҳастишиносӣ ва маърифатшиносии ӯ якчанд масъалаҳои калидиро фаро гирифтааст, ки моҳияти чизҳо, сабабият, қонуният, шаклҳои дониш, ҳақиқат ва амсоли онҳо аз он ҷумлаанд.

Аҳамияти назариявӣ таҳқиқот. Омӯзиши ҳаёту фаъолият, эҷодиёт, мерос ва ҷаҳонбинии фалсафии маорифпарвари Афғонистон Салоҳуддини Салҷуқӣ дар баррасӣ ва равшан сохтани масоили назариявии афкори фалсафии мутафаккир мусоидат хоҳад кард. Инчунин омӯзиши таълимоти фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ дорои аҳаммияти назариявӣ буда, истифодаи ғояҳои ахлоқӣ ва тарбиявии ӯ дар низоми таълим ва тарбияи муосир метавонад барои ташаккули шахсияти комил, баланд бардоштани маърифати маънавӣ ва таҳкими фарҳанги таҳаммулпазирӣ мусоидат намояд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот: Маводи матраҳшуда метавонад барои донишмандон, докторантон, донишҷӯён ва пажӯҳишгарони соҳаи таърихи фалсафа дар омӯзиши афкори илмию фалсафии Салҷуқӣ кӯмак расонад. Илова ба ин, кори диссертатсионӣ аҳамияти сарчашмашиносӣ низ дорад, зеро баъзе маводи таҳқиқот бо забони тоҷикӣ бори аввал мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтааст.

Дарачаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо ташкил ва гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ дар самти омӯзиши афкори илмию фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ ва чорабиниҳои гуногуни таълимию фалсафӣ дар муассисаҳои таълимию таҳқиқотӣ муайян карда мешавад. Дурустии диссертатсияро натиҷаҳои аз раванди корҳои тадқиқотӣ, ки дар асоси баррасию таҳлили афкори мутафаккирони барҷастаи соҳаи фалсафа, аз ҷумла, Арасту, Афлотун, Форобӣ, Ибни Сино, Ибни Арабӣ ва бешубҳа, Салоҳуддини Салҷуқӣ ба даст омадаанд, тасдиқ менамоянд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ, мундариҷа ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020102 – Таърихи фалсафа мутобиқат мекунад.

Саҳми шахси довталаби дарёфти дарачаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми диссертант дар ин таҳқиқот дар муайян намудани ҳадаф, предмету объекти таҳқиқ, асоснок кардани заминаҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот мушаххас мегардад. Дар раванди таҳқиқот довталаб кӯшиш

намудааст, то масъалаҳои мазкурро дар пояи методологияи фалсафӣ ва илмӣ таҳқиқ намуда, масъалаҳои ҳастӣ, маърифат ва инсоншиносиро таҳлил намояд. Ҳамзамон саҳми бевоситаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ба воситаи интишори мақолаҳои илмӣ дар бораи мавзуи кор ва баромадҳо дар конфренсияҳои илмию назариявӣ баён шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад захираи мавҷудаи таҳқиқоти фалсафиро пурра намоянд ва барои муҳаққиқони таърихи фалсафа муфид бошад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Кори диссертатсионӣ дорои нуқтаҳои муҳимме мебошад, ки дар ҷаласаҳо ва семинарҳои Шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа ва сиёсатшиносии АМИТ баррасӣ шудаанд. Мазмуни асосии диссертатсия дар мақолаҳои ба нашр расида дар маҷаллаҳои илмӣ ва маърузаву суханрониҳои муаллиф инъикос ёфтаанд.

Муқаррароти асосӣ ва хулосаи диссертатсия дар гузориш ва баромадҳои зерини муаллиф дар конфронсҳои илмию назариявӣ ва маҷаллаҳои илмии тақризшаванда инъикос гардидаанд:

- Каримова С.Р. Ҳаёту фаъолият ва асарҳои фалсафии Салоҳуддин Салҷуқӣ // С.Р., Каримова // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2022. – №4. – С.142-145.

- Каримова С.Р. Андешаҳои инсоншиносии Салоҳуддин Салҷуқӣ // С.Р., Каримова // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2023. – №2. – С.163-167.

- Каримова С.Р. Мақоми иҷтимоии ахлоқии инсон аз назари Салоҳуддин Салҷуқӣ // С.Р., Каримова // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2023. – №4. – С.134-139.

- Шамсов М.С., Каримова С.Р. Назарияи маърифат дар осори Салоҳуддин Салҷуқӣ // М.С., Шамсов, С.Р., Каримова // Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. – 2024. – №8. – С.94-99.

Диссертатсия дар ҷаласаи шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳовaддининови АМИТ (суратҷаласаи № 3 аз 21 феврал соли 2025) муҳокима гардида, ба ҳимоя пешниҳод карда шудааст.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Аз натиҷаи корҳои ба анҷом расонида дар доираи диссертатсия 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Матни диссертатсия аз 173 саҳифаи чопи компютерӣ иборат аст.

МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕТАТСИЯ

Дар **муқаддимаи** диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқот,

мақсад, объект, предмет, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодгардида, навгонӣ ва моҳияти он дарҷ гардидааст.

Боби 1-уми диссертатсия **«Зиндагӣ ва андешаҳои динию фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ»** ном гирифтааст, ки дар он ҳаёту фаъолият, осор, ва заминаҳои ғоявии ташаккули таълимоти динӣ-фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ инъикос гардидааст.

Дар зербоби 1.1. масъалаи **«Зиндагӣ ва осори Салоҳуддини Салҷуқӣ»** мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Салоҳуддини Салҷуқӣ яке аз чеҳраҳои шинохтаи илму фарҳанги Афғонистон дар нимаи аввали садаи XX маҳсуб меёбад. Нақши ӯ дар тарғиб ва рушди илму маърифат, рӯзноманигорӣ, театр ва ҳаракатҳои ислоҳталабона, ӯро ба симои фарҳанги фарогир табдил додааст. Ӯ соли 1896 дар шаҳри Ҳирот – яке аз марказҳои таърихии тамаддуни Хуросон – дар як хонадони аҳли илму маърифат чашм ба олам кушод. Падараш, Сироҷуддин Салҷуқӣ, аз олимони шинохтаи замонаш буд. Модараш – Оишахотун, зани босавод ва фарҳангпарвар – муҳити хонаводагиро бо руҳи маънавӣ ва ислоҳгарона ғанӣ мекард. Дар чунин муҳити бомаърифат, Салҷуқӣ аз овони кӯдакӣ алоқамандии амиқе ба донишу маърифат зоҳир менамуд. То синни 12–13-солагӣ аллакай аломатҳои истеъдоди фарқкунанда дар ӯ падидор гашта буданд. Дар ибтидо шогирди Мавлавӣ Ғулом Мустафо гардид ва сипас таҳти сарпарастии бародари ӯ – Муҳаммад Умар ба таҳсили амиқтари улуми шаръӣ ва адабӣ пардохт. Сипас, таҳсилро дар мадрасаи Низомияи Ҳирот идома дод ва дар он ҷо ба дараҷаи баланд ва ихлоси илмӣ ба унвони баландмартабаи «Шайх-ул-ислом вал муслимин» мушарраф гардид. Ин унвон дар он давр нишонаи нуфуз ва шинохти илмии фақеҳон ва мутафаккирони замон ба ҳисоб мерафт.

Муҳаммад Умар дар Салоҳуддин нишонаҳои истеъдодро мушоҳида мекунад ва мефаҳмад, ки ӯ аз уҳдаи кори таълим хуб баромада метавонад, ба ӯ дастур медиҳад, ки ба шогидони дигар дарс диҳад. Дарсҳои устодаш Муҳаммад Умар, бахусус аз фанҳои фалсафа ва мантиқ ба Салҷуқӣ нафъи калон оварда буд. Аз ин рӯ, вай зикр мекунад: «Беҳтарин устоди ман Мавлавӣ Муҳаммад Умар дар шаҳри Ҳирот ба фаъолияти омӯзгорӣ машғул буд. Ман, ки хурдсолтарин шогирди ӯ ба шумор мерафтам, ба тадриҷ дарёфтам, ки пас аз Мавлоно Ҷомӣ дар Ҳирот олими дигаре бо сатҳи дониш, тафаккур ва нуфузи илмии монанди ӯ пайдо нашудааст. Агар Мавлоно Ҷомӣ 52 асари арзишмандӣ илмӣ аз худ ба ҷой гузошта бошад, Мавлавӣ Муҳаммад Умар Салҷуқӣ 62 асари илмиро таълиф намудааст, ки ин нишони тавонмандии фикрӣ ва ҷустуҷӯҳои илмии ӯст. Ман аз ин устоди гиромиқадрам нафъи зиёде бардоштам ва ҳамеша талош варзидаам, то андӯхтаҳои ӯро дар амал татбиқ намоям» [126, с. 34]. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки Салҷуқӣ аз хурдиаш шавқу рағбат дар илм доштааст ва маҳз падару модар ва устодони гиромиқадре, ки ӯро таълим доданд сабабгор будааст.

Ӯ ба омӯзгорӣ низ аз синни ҷавонӣ рӯй оварда, солҳои зиёд дар муассисаҳои маъруфи таълимии Кобул, ба мисли мадрасаи Ҳабибия, Омонӣ ва Истиқлол, ба тадрис машғул буд. Ин даргоҳҳои маърифатӣ, на танҳо маркази таълиму тарбияи муосир, балки маҳалли парвариши насли нави мутафаккирони Афғонистон ба ҳисоб мерафтанд. Салҷуқӣ бо забони шевои худ ва огоҳии амиқ аз таърих, адабиёт ва фалсафа, миёни шогирдону аҳли илм ҳамчун омӯзгори илҳомбахшу мураббии маънавӣ шинохта шуд.

Фаъолияти Салҷуқӣ танҳо ба мадрасаҳо маҳдуд намегардад. Ӯ ҳамчунин рӯзноманигор низ фаъолият намуда, ба сифати муҳаррир ва мудири нашрияҳои «Иттифоқи Ислом» ва «Фарёд» дар Ҳирот хидмат мекард. Ин нашрияҳо зери сарпарастии Вазорати маорифи Афғонистон амал намуда, муҳити зиёии ҷомеаро бо ғояҳои пешрафта, ҳувияти миллӣ ва эҳёи фарҳанги исломӣ муҷаҳҳаз месохтанд.

Яке аз муҳимтарин ташаббусҳои фарҳангии ӯ таъсиси «Клуби адабии Ҳирот» соли 1929 буд. Ин клуб ҳамчун нахустин ташкилоти адабии мураттаб дар Ҳирот шинохта мешуд, ки дар он зиёиён, адибон ва файласуфон гирд омада, баҳсҳои илмӣ, муаррифии осори нав ва таҳлилҳои адабӣ роҳандозӣ мекарданд. Салҷуқӣ дар ин майдон низ ҳамчун раҳнамо ва мураттиби равандҳои навини андешавӣ хидмат менамуд.

Ҷанбаи ҷолиби дигари фаъолияти Салҷуқӣ робитаи ӯ бо санъати театр буд. Вай дар Ҳирот ва Кобул аввалин саҳнаҳо, драммаҳои иҷтимоӣ ва таърихиро ташкил ва роҳандозӣ намуд. Ӯ яке аз чеҳраҳоест, ки дар Афғонистон театрро ҳамчун омили тарбияи иҷтимоӣ ва бедории фикрӣ дар ҷомеаи исломии он замон шинохт ва таблиғ кард. Ҳамин шуҷоат ва навпардозии ӯ буд, ки театр ҳамчун падидаи нав дар фазои фарҳангии Афғонистон ҷойгоҳи хос пайдо кард.

Бояд зикр кард, ки нақши Салоҳуддини Салҷуқӣ дар арсаи сиёсат ва идораҳои давлатӣ, фарҳангу маориф қобили таваҷҷуҳ ва омӯзиш аст. Ӯ аз зумраи он шахсиятҳои, илмест, ки дар саҳнаи иҷтимоиву сиёсӣ низ мавқеи намоён дошта, дар ташаккули идораҳои давлатӣ, дипломатияи фарҳангӣ ва рушди равобити хориҷии Афғонистон нақши муассир бозидааст.

Фаъолияти расмии давлатӣ ва маъмурии Салҷуқӣ соли 1923 бо таъйин шуданаш ба мақоми муфтӣ ва мудири маорифи шаҳри Ҳирот, ки ҳанӯз 27 сол дошт, оғоз ёфт. Дар ин мақом ӯ бо равиши таҳаммулгароёна талош кард, то омӯзишро ба як воситаи ислоҳи иҷтимоӣ табдил диҳад. Рушди муассисаҳои таълимӣ, таҳияи барномаҳои муосири дарсӣ ва тарбияи кадрҳои илмиву омӯзгорӣ аз ҷумлаи дастовардҳои давраи мудириати ӯ маҳсуб меёфтанд.

Пас аз ин марҳила, Салҷуқӣ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ ҳамчун шахсияти маъруфи фарҳангӣ ва сиёсӣ шинохта шуд. Ӯ ба ҳайси мудири матбуот ва масъули минбари хориҷии Афғонистон таъйин гардид. Дар ин мақом ӯ роҳбарии нашрияҳои давлатии марбут ба

сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи фарҳангиро бар дӯш гирифт. Андаке, ба сифати консули Афғонистон дар шаҳрҳои Бомбей ва Деҳлӣ ва мушовири сиёсӣ дар Карочӣ адои вазифа намуд. Ин вазифаҳо имконият доданд, то бо муҳитҳои фарҳангии Ҳиндустон ва ҷаҳони ислом дар иртибот бошад ва доираи назари сиёсию фалсафии худро густариш диҳад.

Ӯ соли 1939 ба мақоми раиси шуъбаи матбуот таъйин гардид. Пас аз муддате, соли 1940 радиои миллии Кобул таъсис ёфт ва масъулияти мудирияти он бар дӯши ӯ гузошта шуд. Радио ҳамчун василаи нави иртиботи оммавӣ нақши муассире дар бедории миллӣ ва густариши фарҳанг дар кишвар бозид. Салҷуқӣ дар ташаккулу бунёди он ва таҳияи барномаҳои тарбиявӣ, адабӣ ва иттилоотӣ саҳми хоссае дошт.

Фаъолияти дипломатии ӯ дар марҳилаи авҷи тачрибаи сиёсӣ ва фарҳангиаш солҳои 1954 то 1962 ба баландтарин нуқта расид. Дар ин давра, ӯ ба сифати сафири фавқулодда ва мухтори Афғонистон дар Миср, Кувайт, Судон, Лубнон ва Юнон хидмат кард. Дар Миср, ки маркази афкори араб ва исломӣ маҳсуб мешуд, ӯ бо унвони эҳтиромии «Малик-ус-суфаро» (подшоҳи сафирон) муаррифӣ гардид, ки нишонае аз эътирофи мартабаи баланди фарҳангӣ ва сиёсӣ доштани ӯ буд. Ҳамчунин ба узвияти Иҷтимои мураттаб, як маҷмааи илмиву адабии кишварҳои араб пазируфта шуд.

Пас аз анҷоми рисолатҳои сиёсӣ, Салҷуқӣ дар соли 1962 ба Кобул баргашт ва вазифаҳои расмии давлатиро тарк намуда, худро ба фаъолияти илмӣ бахшид. Аз ин пас тамоми нерӯи худро ба таҳқиқ, таълиф ва таблиғи илм ва фалсафа равона сохт. Ӯ то охири умр ба навиштани китоб, таҳияи мақола ва тарбияти насли нав машғул буд.

Мероси илмии Салоҳуддини Салҷуқӣ хеле пуразриш аст. Ӯ муаллифи 34 китоб ва зиёда аз 200 мақола мебошад, ки дар онҳо мавзуҳои гуногуне, аз қабили фалсафа, ахлоқ, забоншиносӣ, табиатшиносӣ ва таърих мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Аз ҷумлаи муҳимтарин осори ӯ метавон «Афкори шоир» (таҳлили афкори ҷаҳонбинии шоирон ва масъалаҳои фалсафӣ, ахлоқӣ ва маънавии дар осори онҳо инъикосёфта), «Афсонаи фардо» (асар дар бораи инсон, оянда, ормонҳои маънавӣ ва масъалаҳои рушди ҷомеа ва ҳаёти инсонӣ), «Нақди Бедил» (таҳлилу баррасии осори Мирзо Абдулқодири Бедил ва ҷанбаҳои фалсафию адабии андешаҳои ӯ), «Гӯшае аз пайғоми ту» (масъалаҳои маънавию ахлоқӣ, муносибатҳои инсонӣ ва паёмҳои тарбиявӣ), «Муқаддимаи илми ахлоқ» (китоб ба асосҳои фалсафии ахлоқ, мафҳумҳои ахлоқӣ, арзишҳои маънавӣ ва рафтори инсон бахшида шудааст), «Оинаи таҷаллӣ» (китоб масъалаҳои маънавӣ, фалсафӣ ва шинохти инсонро мавриди таҳлил қарор дода, ба муносибати инсон бо ҳастӣ ва ҳақиқат таваҷҷуҳ мекунад), «Тақвими инсон» (асаре дар мавриди шинохти инсон дар фалсафа ва илм), «Нигоҳе ба зебоӣ» (китоб дар мавзуи зебоишиносӣ аз нигоҳи фалсафа, моҳияти зебоӣ бо инсонро таҳлил менамояд), «Ҷаббира» (асар масъалаҳои инсонӣ, иҷтимоӣ ва маънавиро ба воситаи андешаҳои фалсафӣ ва

мушоҳидаҳои муаллиф баррасӣ менамояд), «Тараққиёти ахлоқ ва зебоишиносӣ», (асар оиди таҳқиқи инкишофи таърихии андешаҳои ахлоқӣ ва зебоишиносӣ, робитаҳои ахлоқ бо зебоӣ ва нақши онҳо дар камолоти инсон бахшида шудааст), «Зуҳури Худо дар офоқу анфус» (шинохти Худо тавассути нишонаҳои Ӯ дар ҷаҳони берунӣ (офоқ) ва дар вуҷуди худи инсон (анфус)) зикр кард.

Дар паҳлӯи фаъолияти пуршарафи илмиву давлатӣ ва дипломатӣ, ҳаёти шахсии Салоҳуддини Салҷуқӣ низ ҷолиб ва пурмаҳсул буд. Ӯ бо духтари яке аз сарватмандони Ҳирот – Муҳаммадзой издивоҷ барпо кард, боиси ба вуҷуд омадани ду писари барӯманд – Сиддӣ ва Ҳомид гардид. Ҳар ду фарзанд дар майдонҳои гуногуни ҷомеа, бахусус сиёсат ва авиатсия, фаъолона хидмат кардаанд ва бо саҳми худ дар рушди Афғонистон нақши муҳим гузоштаанд.

Бо гузашти ин умри пурбаракат Салоҳуддини Салҷуқӣ 5-уми июни соли 1970 (16-уми ҷумоди аввали 1390 ҳичрии шамсӣ) дар шаҳри Кобул аз олам чашм пӯшид. Ӯ пас аз зиндагии пурмаҳсул ва хизматҳои шоиста ба инсоният, дар қабристон «Шуҳадои солиҳин» ба хок супурда шуд, маконе, ки ҳамчун макони оромиши фақирон ва садоқатмандон маъруф аст.

Хулоса, мероси фарҳангӣ, илмӣ ва адабии Салоҳуддини Салҷуқӣ то имрӯз ҳамчун мероси гаронбаҳо ва пойдор эътироф мешавад. Осори зиёду андешаҳои фарогири фалсафӣ ва равшанбинии ӯ манбаи илҳом ва омӯзиши насли навини олимону донишмандон бокӣ мемонад. Ҳаёт ва фаъолияти Салоҳуддини Салҷуқӣ намунаи амал ва андешае ҳаст, ки дар қатори таърихсозони фарҳанги муосири Афғонистон нақши таърихӣ ва фарҳангӣ дорад.

Зербоби 1.2-юми диссертатсия «Заминаҳои ғоявии ташаккули таълимоти динӣ - фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ» унвон гирифтааст ва дар он хусусияти ташаккулу такомули андешаҳои динӣ-фалсафии аҳди Салҷуқӣ, инчунин, таълимоти ахлоқӣ ва зебоишиносии файласуф таҳлил гардидааст.

Дар ташаккулу таҳаввули андешаҳои ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ ва инсоншиносии Салоҳуддини Салҷуқӣ сарчашмаҳои гуногуни ғоявӣ нақш бозиданд ва онҳоро ба як чанд гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

- сарчашмаҳои динӣ (Қуръон, аҳодиси набавӣ, осори фиқҳӣ ва каломӣ);
- фалсафаи Юнони Бостон (таълимоти Суқрот, Афлотун, Арасту);
- фалсафаи машшоияи шарқӣ (таълимоти Форобӣ, Ибни Сино);
- ирфон (афкори Ҷомӣ, Бедил, Маҳмуд ибин Абдулкарим Шабистарӣ);
- фалсафаи классикии немис (таълимоти Гегел, Кант);
- осори файласуфони маорифпарвар ва ислоҳотхоҳи намояндагони ислом (андешаҳои Сайид Ҷамолиддин ибн Сафдар Афғонӣ, Муҳаммад Абдо ибн Ҳасан Абдо , Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ);

- экзистенсиализм, позитивизм ва дигар мактабҳои муосири фалсафии ғарбӣ (таълимоти Декарт, Бергсон ва ғ.).

Дар ҷавони Салҷуқӣ худро мутафаккири исломӣ муаррифӣ мекард, аммо дар охири умраш шариат, фалсафа, табиатшиносӣ ва ирфонро ба ҳам алоқаманд намуда, ҳамчун файласуфи гностик машҳур мешавад. Салоҳуддини Салҷуқӣ дар як асари худ, бо номи «Тақвими инсон» чунин навиштааст: «Ман дар оилае ба дунё омадаам, ки дар он таълиму тарбия дар мадди аввал меистод ва ҳамаи аъзои оилаамон донишмандони олимансабу олимақом буданд. Якчанд муддат ман аз роҳу равиши гузаштагони худ истифода мебурдам ва баъдтар аз шавқу рағбати беинтиҳои худ, ба фалсафа машғул шудам. Ахлоқ фиқҳ ва тасаввуф маро бештар ба сӯи фалсафа роҳнамоӣ кард. Лекин фалсафа ҳеҷ вақт мақсади ман набуд, балки як роҳе нисбат ба омӯхтани адабиёти ахлоқӣ ва тасаввуф буд» [131, с. 20].

Тибқи мазмуни асарҳои дар солҳои охири умр навиштаи Салоҳуддини Салҷуқӣ метавон хулоса кард, ки ӯ ба ҳеҷ як аз ҷараёнҳои маҳдуд ва догматикии фалсафии замони худ вобастагӣ надошт. Салҷуқӣ ба ин ақида устувор буд, ки новобаста аз ҷустуҷӯ кардан ва дарёфти назарияҳои хуб, онҳо боз дар таркибашон назарияҳои нокифоя низ доштанд. Бинобар ин, мутафаккир ҳамзамон бо ин, ки тамоми тарафҳои мусбати он назарияҳоро чӣ дар боби ҳастишиносӣ ва чӣ дар бахши маърифатшиносию инсоншиносӣ дарҷ менамуд, ҷиҳатҳои манфии онҳоро низ зикр ва интиқод кардааст. Хатти меҳварии пажӯҳишҳои ӯро на пайравии кӯрона аз як мактаби хос, балки **кӯшиши сохтани як синтези консептуалӣ миёни унсурҳои ҳикмати суннатии Шарқ ва дастовардҳои ақлгароию илмии Ғарби Замони Нав** ташкил медод, ки ин амр гувоҳи нигоҳи мустақили илмии ӯст.

Салоҳуддини Салҷуқӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии фалсафии худ ба мероси андешамандони Шарқу Ғарб таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуда, осори намояндагони фалсафаи исломӣ, аз ҷумла Ҷалолуддини Румӣ, Абуалӣ ибн Сино инчунин осори файласуфони Юнону Аврупоро мавриди омӯзиш қарор додааст. Дар ташаккули андешаҳои ӯ омӯзиши масъалаҳои инсон, маърифат, ахлоқ, зебоӣ ва ҳастӣ дар осори мутафаккирони гуногуни фалсафӣ, аз ҷумла Афлотун, Арасту, Декарт, Кант ва Гегел аҳамияти муайян доштааст. Ин доираи васеи мутолиа ба Салҷуқӣ имкон додааст, ки ба масъалаҳои фалсафӣ ва ахлоқию зебоишиносиро дар пайванди анъанаҳои Шарқ ва Ғарб баррасӣ намояд.

Дар китоби беназири ӯ – «Зуҳури Худо дар олами берунӣ ва ботинӣ» – ин мавқеи таҳлилӣ хуб инъикос ёфтааст, ки бо таъсири осори Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва истифода аз мантиқ ва назарияи шоҳиди воқеият, масъалаҳои офаринишу робитаи воқеияти берунӣ бо ботинӣ ба таври муосир шарҳ дода шудаанд.

Ҳамчунин, андешаҳои Салҷуқӣ дар раванди бедории милливу маънавӣ дар Шарқ, бахусус Афғонистон бо таъсири Муҳаммад Иқбол ва Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ пайваст буда, ӯ на танҳо мероси онҳоро

эҳтиром мекард, балки бо равиши танқидӣ ва созанда роҳҳои нави маърифатро пешниҳод мекард. Фалсафаи ӯ ҳам ба эҳёи суннат ва ҳам ба навоварӣ такя мекард.

Ин усул ва назарияҳои таҳлилии ӯ барои рушди маънавӣ ва фалсафаи исломӣ дар Афғонистон ва миқёси ҷаҳонии Шарқ шинохта шуданд, роҳҳои нав барои ҳамоҳангсозии суннату навоварӣ дар фалсафа кушоданд.

Салоҳуддини Салҷуқӣ, бешубҳа, аз чеҳраҳо ва равшанфикрони таърихи фарҳангиву маърифатии Афғонистон ба шумор меравад. Асарҳои навиштаи ӯ нишонаи талошҳои зиёди дарки равшан ва рисолати илмӣ дар раванди ҷараёнҳои адабӣ, илмӣ, фалсафӣ ва иллоҳиётшиносии ин минтақа мебошад. Вай чун ғазал бар зидди мавҷи зиддифарҳангии замонаш бархоста, бо қалами муҷизаи худ пардаҳои шакку хирадро аз шеваи тафаккур ва ҷаҳонбинии мардуми кишвараш дур кард. Дар осоре, ки ба аҳли илму фарҳанги замони худ пешкаш кардааст, дидгоҳҳои фалсафӣ, ахлоқи ва фаҳмиши лафзии ӯ баръало мушоҳида мешавад. Мавқеи инсонро дар Қуръон, ки маркази талошҳои башарият дар асарҳои илмӣ, фалсафӣ, фарҳангӣ ва забонӣ маҳсуб мешавад, вай ба қадри имкон равшан нишон дода тавонистаат.

Аллома Салҷуқӣ бо пажуҳишҳои гуногунҷабҳа худ дар заминаи дониши исломӣ ва маҷмуаҳое, ки аз мактабҳои фалсафии Юнони бостон ва Аврупои муосир ба даст оварда буд, кӯшиш кард, мазҳаби ҷадидеро, ки умдаҳояш бо таъйиди фалсафии Ғарб омехта шудааст, аз байн барад. Ӯ ба талошҳои зиёди худ дар эҷодиёти «Зуҳури Ҳудо дар офоқу анфус», «Тақвими инсон» ва «Марди фардо» ноил шуд, фаҳмиш ва биниши хешро ба доираҳои илмии минтақа ва ҷаҳон муаррифӣ кунонд.

Салҷуқӣ дар фалсафаи қадим, махсусан, мактабҳои тафаккури Юнони бостон ва ҷараёнҳои фалсафии исломшиносӣ ва Аврупои пас аз садаи 15-ум маҳорати баланд доштааст. Ворид шудани илми ахлоқии ӯ далели равшан дар соҳаи такмили ин соҳаи дониш аст. Дар корҳои сиёсӣ, бахусус ҳаракатҳое, ки аз Шарқу Ғарб дар маҳфилҳои фарҳангии ин марзу бум ва ҳар як инсон меомад, равшан мегардад. Мавқеи ӯ ҳамчун роҳбари мустақили матбуотӣ, вазири иттилооту фарҳанг дар айни замон аз шахсияти фарҳангии барҷастаи ӯ далолат мекунад. Зеро пойдории матбуоти навтаъсис мавҷудияти одами дорои дониши кофӣ ва қалби ҳушёрро тақозо мекунад, ки аз хабарҳои ҳаракатҳои илмӣ огоҳ бошад.

Ҳангоми мутолиаи осори Салҷуқӣ метавон таъсири ислом ва ахлоқи бадеиро дар таълимоташ дарк кард. Як ҷанбае, ки шахсиятии ӯро муаррифи намуд, ин дин ва фалсафа мебошад. Вай фалсафаи исломро хуб аз худ намуда буд, ки метавонист ба саволҳои асосии фалсафи исломӣ дар бораи моҳияти Худо, ҷаҳон ва инсон ҷавоби возеҳ ва равшанро баён намояд. Ӯ равшан баён намуда, посух додааст, ки санъат чист ва осори файласуфҳои зиёде аз юнонӣ то исломиро омӯхта баромадааст. Ҳарчанд дар муҳити сиёсию фарҳангии замони Салоҳуддин Салҷуқӣ маҳдудиятҳои мафкуравӣ барои озодбаёнии

олимону файласуфон мавҷуд буданд, ӯ аз нафароне ба шумор мерафт, ки андешаҳои фалсафии худро озод ва бидуни ҳарос изҳор медошт. Сабаби ин ҷасорати фикрӣ ва озодандӯҳии ӯ дар он буд, ки фаъолияти тӯлониаш ҳамчун дипломат ва сафир дар кишварҳои ҳамсоя, аз қабили Ҳинду Миср, ҷаҳонбинии илмиашро васеъ намуда, ӯро бо ҷараёнҳои мунаввари фикрии байналмилалӣ пайванд дод ва мақоми расмии эътирофшудааш ба ӯ нуфузи хоссаи сиёсӣ бахшид.

Ӯ дар осори худ андешаҳои файласуфони Юнони қадимро таҳлилу хулоса карда, ба натиҷагириҳои дилхоҳ даст ёфтааст. Аз ҷумла, назари Арастуро дар мавриди ҳайюло баён карда, зикр мекунад, ки «ҳайюло муҷиби бавуҷудойии ашё ва сурат боиси ҳосил шудани онҳо аст» [123, с. 10-15]. Дар ин масъала Салоҳуддини Салҷуқӣ аз нигоҳи фалсафаи исломӣ ба назарияи Арасту нигариста, як ҷо будани сурат ва ҳайюлоро, ки боиси қадим донистани олам шудааст, эрод гирифтааст. Салҷуқӣ ин назарияи Арастуро рад карда, нишон медиҳад, ки дар он таноқуз (зиддият) мавҷуд аст. Аз назари ӯ, ғайриимкон аст, ки ҳайюло ва сурат барои пазируфтани сурати комилтар якдигарро тарк кунанд. Зеро ҷузъҳои таркибии ҷисм ба ҳам пайвастаанд ва намегузоранд, ки ҷисми мураккаб ҳаҷм ва шакли худро ба осонӣ аз даст диҳад. Аз ин рӯ, тағйири куллии сурат бидуни аз байн рафтани худи ҷисм аз нигоҳи мантиқӣ номумкин аст. [123, с. 16-18].

Дар ин масъала Салоҳиддини Салҷуқӣ аз нигоҳи фалсафаи исломӣ ба назарияи Арасту нигариста, як ҷо будани сурат ва ҳайюлоро, ки боиси қадим донистани олам гардидааст, эрод гирифтааст. Далели худи Салҷуқӣ дар баробари ин назария он аст, ки чӣ гуна мешавад, ки ҳайюло ва сурат худро барои пазируфтани сурати комилтаре тарк кунад. Зеро ҷузъҳое ки қобили ҷудо шудан бошанд, ҳаргиз намегузоранд, ки ҷисми мураккаб аз онҳо ҳаҷм ва шакли худро аз даст диҳанд. Дар ин сурат барои дарки ин масъала таноқус (зиддият) ба вуҷуд меояд.

Ба андешаи Салҷуқӣ дар дунёи таҷриба борҳо мушоҳида шудааст, ки ашё бо зидди худ рӯ ба рӯ шуда, ё аксуламал кардаан ва аз таркиби онҳо чизи миёнарави дигар, ки сеюм ашёст, ба вуҷуд омадааст. Бояд гуфт, ки Салҷуқӣ дар ин замина ба назарияиҳои Арасту ва Гегел такя карда, андешаи шахсии худро пешниҳод сохтааст. Аз ҷумла, таъкид мекунад, ки «Гегел ин ҷузъҳоро дар мафҳуму мафкураҳо ба кор бурда, шарҳе надодааст, ки айни ин ҷузъҳо ва ё мисли он дар мавод ва ҷисмҳо низ истифода мешавад. Ҳатто дар мафҳумҳои афкор низ то чизе ба тарафи ифрот нагарояд, ба зидди худ аксуламал намекунад ва аз тарафи дигар бехтар аст инсон тариқаеро бигирад, ки моддиву маънӣ ва ва ҳатто лафзу маънӣ аз ҳамдигар хеле дур ва бегона намонад, зеро сурат зарфи сират ва лафз қолаби маънӣ колбадхонаи рӯҳ аст» [123, с. 22].

Салҷуқӣ таъкид мекунад, ки «назарияҳои кадимаи илмӣ, аз ҷумла атомизми Демокрит ва таълимоти «ҳайулло ва сурат»-и Арасту, бештар ба андешаронӣ ва тафаккури назариявӣ асос ёфта буданд ва имконияти санҷиши таҷрибавии онҳо маҳдуд буд. Аммо назарияҳои

илмии муосир, аз ҷумла назарияи квантӣ ва назарияи атом, бо натиҷаҳои таҷрибаҳои лабораторӣ ва рушди технология робитаи зич доранд. Яъне, дар илми муосир назария на танҳо тавассути тафаккур, балки дар асоси мушоҳида, таҷриба ва санҷиши илмӣ ташаккул меёбад» [123, с. 24].
Яъне, ақида Салҷуқӣ оиди ду тарзи пайдо шудани донишҳои илмиро муқоиса мекунад: илми қадим ва илми муосир. Масалан Демокрит мегуфт, ки ҳамаи чизҳо аз зарраҳои бисёр хурд, яъне атомҳо иборатанд. Аммо дар замони ӯ имкони дидани атом, гузаронидани таҷрибаи лабораторӣ ё бо асбобҳо санҷидани ин фикр вуҷуд надошт. Бинобар ин, ӯ бештар бо ақл, мушоҳидаи оддӣ ва мантиқ ба чунин хулоса расида буд.

Салҷуқӣ бо шарофати неъмати фитрии худ ба омӯзиши илмҳои гуногун шурӯъ намуда, ба бисёре аз илмҳои иҷтимоӣ ва табиатшиносии он замон, бахусус фалсафа ошнои пайдо кардааст. Тавассути омӯзиши осори Имом Фахриддини Розӣ ба моҳияти амиқи фалсафа ворид шуда, ба олами фалсафаи юнонӣ муяссар шуд, ки осори фалсафаи Юнони қадим, бахусус осори Афлотуну Арасту ва ҳатто ба таҳқиқи он муаваффақ гардид. Салҷуқӣ афкори баъзан файласуфонро бо назари танқидӣ нигариста, дар баъзан ҳолат онҳоро рад мекард ва дар баъзеи ҳолат андешаҳои онҳоро қабул менамуд. Аммо китобе, ки таваҷҷуҳи ӯро бештар ба худ ҷалб намуда буд, ин «Накомакӯшӣ» ё «Этикаи Арасту» буд. Вай китобро бо забони дарии афғонӣ тарҷума карда ба он 136 саҳифа муқаддима навиштааст.

Хулоса, агар мо ба сарчашмаҳои ғоявии ташаккули ҷаҳонбинӣ ва афкори фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ назар афканем ошкор мегардад, ки онҳо дар асоси чунин ҷанбаҳо асос ёфтаанд:

- ташаккули арзишҳои инсонӣ, ки меъёрҳои рафтор ва муносибатҳои байни одамонро муайян мекунад;
- эҷоди тасвири ҷаҳон, ки унсурҳоро бо ҳам пайваст намуда, системаҳои мифологии ҷаҳонро ташкил медиҳанд;
- андешаҳои динӣ, як шакли ҷаҳонбиниеро мемонад, ки ба эътиқод ба мавҷудияти қувваҳои ғайритабиӣ (худоҳо, рӯҳҳо) асос ёфтааст;
- эътироф кардани андешаҳо дар бораи ҳастии Худо, ки унсури марказии ҷаҳонбинии динӣ дар ниҳоди шахс мегардад ва ба фаҳмиши фалсафии саволҳо дар бораи табиати Худо, муносибати байни инсон ва мавҷуди Ҳақ таъсир мерасонад.

Дар боби 2-юми диссертатсия «Андешаи Салоҳуддини Салҷуқӣ дар масъалаҳои ҳастишиносӣ ва маърифатшиносӣ» баён гардидааст.

Дар зербоби 2.1. «Таълимоти Салоҳуддини Салҷуқӣ доир ба ҳастишиносӣ» мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Илми ҳастишиносӣ (онтология), яке аз соҳаҳои марказии фалсафаи назариявӣ буда, масъалаҳои табиати ҳастӣ, шаклҳои вуҷуд ва муносибати онҳо бо якдигар, сохтор ва қонуниятҳои умумии ҳастиро мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Саволҳое, ки ҳастишиносӣ онро баррасӣ мекунад, аз қабили «чӣ будани вуҷуд?», «хусусиятҳои хоси ҳастӣ чӣ аст?» ва «чӣ тавр метавонад вуҷудро шинохт?», мебошад.

Мавзуи омӯзиши ҳастишиносиро метавон ба тариқи зерин нишон дод:

- шаклҳои умумии мавҷудият;
- қонуниятҳои ташаккули вуҷуд;
- муносибати ҳасти бо шуур ва воқеият.

Онтология на танҳо масъалаи «чӣ вуҷуд дорад», балки инчунин «чаро ва бо кадом низом вуҷуд дорад»-ро низ баррасӣ менамояд.

Дар илми ҳастишиносӣ мавҷудот ба шаклҳои гуногун ҷудо мешавад: мавҷудоти моддӣ ва ғайриморддӣ, мустақил ва вобаста, аслӣ ва зуҳурӣ. Ҳамчунин, масъалаи дараҷаи вуҷуд низ дар доираи ин илм баррасӣ мегардад, ки тибқи он мавҷудот бо шиддату заъф ё маротиби гуногун вуҷуд дорад.

Масъалаҳои асосии ҳастишиносиро аз назари Салоҳуддини Салҷуқӣ ва ишора ба асли таълимоти ӯ, шарҳи кӯтоҳ дода мебароем.

1. Ҳастӣ ва маҷудият.

Салҷуқӣ ҳастӣ ва мавҷудиятро дар ду сатҳ дида мебарорад: мавҷудоти моддӣ ва мавҷудоти маънавӣ. Ӯ таъкид мекунад, ки ҳастӣ танҳо он чизе нест, ки дида шавад, балки ҳар чизе, ки маъно ва таъсир дорад, низ ҳастӣ ба ҳисоб меравад [130, с. 12-15].

Аз суханҳои Салҷуқӣ бар меояд, ки вай мафҳуми «ҳастӣ» ва «мавҷудият»-ро дар марзҳои танги фаҳмиши анъанавӣ маҳдуд намекунад, балки онро дар ду сатҳ нишон медиҳад: сатҳи моддӣ ва сатҳи маънавӣ. Ба назари ӯ, ҳастӣ танҳо бо он чизҳое маҳдуд намешавад, ки бо ҳисси зоҳирӣ – чашм, гӯш ё таҷрибаҳои ҷисмонӣ эҳсос ва дарк мешаванд. Баръакс, ҷаҳони ҳастӣ фаротар аз модда буда, унсурҳое чун маъно, арзиш, таассур, таъсир ва пайомадро низ дарбар мегирад.

Сатҳи моддӣ (ҷисмонӣ). Дар ин ин сатҳ мавҷудот дорои шакл, ҳаҷм, ҳаракат, вақти муайян ва хосиятҳои физикӣ мебошанд. Онҳо ба василаи таҷриба ва ҳиссиёт ошкор мешаванд. Ин сатҳ саросар намоён аст, аммо аз назари Салҷуқӣ ин танҳо бахше аз воқеияти ҳастист, на тамоми он.

Сатҳи маънавӣ (ғайриморддӣ). Салҷуқӣ бо таъкид ба аҳамияти маъно ва таъсир бар он аст, ки мавҷудияти воқеӣ танҳо бо модда муайян намешавад. Чизҳое чун идея, мафҳум, арзиш, равобити инсонӣ, ният, илҳом, дониш ва тамоми унсурҳои рӯҳонӣ ва фарҳангӣ низ бахше аз ҷаҳонбинии ҳастӣ мебошанд. Ин мавҷудот агарчи шакли ҷисмонӣ надорад, таъсири воқеӣ, қудрати шаклдиҳӣ ва нақши муассир дар зиндагӣ, фарҳанг ва маърифати инсон доранд. Аз ҳамин ҷиҳат, онҳо низ «ҳастӣ» ба ҳисоб мераванд.

Таъкид ба «таъсир» ҳамчун меъёри ҳастӣ. Нуқтаи марказии фалсафаи Салҷуқӣ дар ин мавзӯъ ин аст, ки меъёри ҳастӣ танҳо «дидан» ё «ламс кардан» нест. Чизе, ки метавонад тағйир оварад, ҳаракат эҷод кунад, маъно биофарад ё ба тафаккур ва зиндагии инсон таъсир гузорад низ дорои ҳастӣ мебошад. Масалан, адолат, ишқ, хоҳиш, илҳом, эътиқод,

маърифат ҳамаи инҳо агарчи модда нестанд, аммо воқеияти пуркуввут доранд.

Раванди тавсеаи мафҳуми ҳастӣ. Салҷуқӣ бо ин назари худ, мехоҳад нишон диҳад, ки ҷаҳон танҳо аз ашёи моддӣ иборат нест. Агар фалсафа танҳо моддаро биҷӯяд, аз маънои умқи ҳастӣ дур мемонад. Аз ин рӯ, ӯ ба тавсеаи фаҳмиши вуҷуд даъват мекунад, то миёни ҷаҳонҳои зоҳирӣ ва ботинӣ, воқеияти ҷисмонӣ ва маънавӣ иртиботи диалектикӣ барқарор гардад.

2. Ҳақиқат ва воқеият.

Аз нигоҳи Салҷуқӣ воқеият танҳо он нест, ки дар муҳити физикӣ дида шавад. Ҳақиқати ҳастӣ ҳам маънавӣ аст ва дар равшании шуур ва ахлоқи инсон низ таҷассум мегардад [124, с. 45-48].

Аз нигоҳи Салҷуқӣ воқеият ба сатҳи маҳдуди модда ва чизҳои ба чашм намоён маҳдуд намешавад. Ба иборaи дигар, он чизе ки мо дар муҳити физикӣ мебинем, танҳо як бахш ва воқиеяти куллӣ мебошад. Ҳастии ҳақиқӣ дорои паҳнои амиқтар аст ва унсурҳои ғайримоддиро низ дар бар мегирад. Ин нуқта дар марзи ҷаҳонбинии классикии исломӣ ва фалсафаи муосири маънавӣ ҷой дорад.

Бояд гуфт, ки Абуалӣ Сино, файласуфи машҳури тоҷик, дар шарҳу тавзеҳи мафҳуми ҳастӣ нақши калидӣ бозидааст. Ӯ бо кӯшодани мафҳумҳои «вуҷуд» ва «моҳият» бунёди як низоми метафизикиро гузошт, ки то ба имрӯз дар маркази баҳсҳои фалсафии исломӣ қарор дорад. Дар ин замина, Салоҳиддин Салҷуқӣ низ ҳамчун яке аз мутафаккирони муосир кӯшидааст ҳастишиносии ирфониро ба равиши таҳлилӣ ва фарҳангӣ таъбир кунад. Тафаккури ӯ, ки аз як сӯ бо ирфони маърифатгаро ва аз сӯи дигар бо фалсафаи ноби исломӣ иртибот дорад, метавонад дар канори пайравони андешаҳои Сино ва мутафаккирони муосир ҷой дода шавад.

Мафҳуми «ваҳдати вуҷуд», ки дар осори Салҷуқӣ ва ирфони маънавии ӯ нақши меҳварӣ дорад, бо равиши Сино дар ташхиси наҳваи вобастагии вуҷуди мумкин ба вуҷуди воҷиб ҳамнаво мегардад, вале тафовути бориз дорад. Сино бо бурҳон ва низоми мантиқӣ ба ҳақиқат мерасад, дар ҳоле ки Салҷуқӣ аз роҳи таҷриба ва тазкия. Сино ба воситаи ақл ва бурҳони мантиқӣ ҳақиқати ҳастиро кашф мекунад, Салҷуқӣ бошад ба тачрибаи ирфонӣ, ишқ, ва таҳарруки ботинӣ такя мекунад. Барои Сино, шинохти ҳастӣ кори ақл аст, вале барои Салҷуқӣ, шинохти ҳастӣ кори дилу замир аст.

Салҷуқӣ дар асари худ, бо номи «Нақди Бедил», ба таври равшан аз консепсияи каломӣ ва ирфонии ҳастишиносӣ ҷонибдорӣ карда, чунин навиштааст: «Тавре ки низоми табиӣ ва низоми адабӣ мавҷуд аст, ба ҳамон тавр ду саро низ муҳаққақ аст: сарои дунё ва сарои охират, сарои амал ва сарои ҳисоб, сарои кишт ва сарои дарав. Вале ин ду саро ба эътибори шариат ва тариқат ихтилофи лафзӣ пайдо мекунанд. Он чизе ки назди фуқаҳои киром иборат аз дунё ва охират аст, назди суфӣ иборат аст аз шаҳодат ва ғайб, касрат ва ваҳдат, таъйин ва итлоқ.

Суфӣ - тавре ки дар мавқеаш баён хоҳад шуд, ба санавият қоил нест. Вақте ки ба олами ваҳдат мегарояд, ба дунёи касрат эҳтимоме надорад ва ҳамин тавр ҳине, ки таҷаллиро дар дунёи касрат мебинад. Яъне дар ғайб назди ӯ зоти мутлақ аст ва дар шаҳодат он зот ба чуну чанд муайян шудааст [127, с. 88-95].

Яъне, Салҷуқӣ бо ин ақидааш гуфтан мехоҳад, ки чӣ гуна низоми табии ва низоми инсонӣ баробар вуҷуд доранд ва ин ду ҷаҳон аз ҳамдигар ҷудонашаванда ҳастанд. Аз ҷумла дунёи моддӣ ва охират, дунёи амал ва фикр, инчунин дунёи замин ва баҳр мебошанд. Вале тибқи шариат, зарур аст, ки байни ин ду ҷаҳон фарқ гузошта шавад. Пас ҷаҳони охират метавонад, ҳамчун дунёи гузаштагон тасаввур шавад, аммо ҳамзамон ба зиндагон низ пайвастагӣ дорад. Ба ибори дигар дунёи охират омили воқеияти мутлақ мебошад.

Салоҳуддини Салҷуқӣ дар бораи масолеҳи ашёи ҳастӣ сухан ронда, даҳҳо хусусиятҳои онро, аз ҷумла қувваи ҷозиба, қувваи васл намудан ва қувваи вазнро муайян мекунад. Ин қувваҳо инкишофи худро аз наботот ва ҳайвонот гирифтанд, дар баробари он худи ин қувваҳо қобилияти баланд доранд. Дар инсон ин хислатҳо якчанд намуди дигар гирифтааст, ки аз набототу ҳайвонот фарқ доранд ва моҳияту хусусиятӣ ба вуҷудоии инсонро намоиш медиҳанд.

Салҷуқӣ тамоми масоили ҳастишиносиро бо ахлоқ ва зебоишиносӣ пайваст мекунад. Ба ақидаи ӯ, дарк кардани ҳастӣ танҳо бо ақл кофӣ нест, чаро? Барои оне ки инсон онро бояд бо дил, шуур ва маънавиёт ҳам пайваст кунад. Салҷуқӣ ҳастӣ ва воқеиятро дар пайванди зич бо маънавият, ахлоқ ва ҳастии инсон баррасӣ мекунад. Барои ӯ омӯзиши ҳастӣ танҳо фаҳмиши сохтори олам нест, балки кушодани мақсади вуҷуд ва ҷойгоҳи инсон дар низоми ҳастӣ мебошад. Масоили калиди ҳастишиносӣ дар таълимоти ӯ чунин ҷамъбаст мешавад.

Ба ин тартиб, Салҷуқӣ бо ҷудо кардани ҳасти ба ду сатҳи моддӣ ва маънавӣ, ҷаҳонро ҳамчун маҷмӯи воқеиятҳо мефаҳмонад. Вай бо баён доштани ин, ки «ҳастӣ танҳо он чизе нест, ки дида мешавад», ба мо мефаҳмонад, ки ҳақиқати ҳастӣ дар паси маъно, таъсир ва фаъолиятҳои рӯҳонӣ ва ақлонӣ низ ҷой дорад. Аз ин рӯ, баррасии ҳастишиносӣ бидуни дар назар гирифтани унсурҳои маънавӣ нопурра мемонад.

Салҷуқӣ дар баррасии ҳастӣ ба принсипҳои асосии сабабият ва мақсадмандӣ такя мекунад. Ба назари ӯ, ҷаҳони ҳастӣ як низоми танзимшуда ва ҳадафдор аст. Ҳар падида дар ин низом бо сабабҳои муайян ба вуҷуд меояд ва ба сӯи як ғояи камолӣ равона гардида, дар ниҳоят ба ҳикмати илоҳӣ пайванд дорад. Аз ин рӯ, ҳастӣ бе маъно ва тасодуфӣ нест, яъне он дорои тартиб, ҳадаф ва иродаи олист. Ин дидгоҳи Салҷуқиро дар силсилаи мутакаллимону фалсафаҳое қарор медиҳад, ки бо забони фалсафӣ ва маънавӣ аз мақсаднокии кулии олам ва таносуби байни иллат, ҳадаф ва камолоти вуҷуд дифоъ мекунанд.

Дар зербоби 2.2. «Масъалаҳои гносеологӣ дар таълимоти фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ» мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Гносеология яке аз бахшҳои калидии фалсафа мебошад, ки масъалаҳои марбут ба шинохт, маърифат ва равандҳои тавлиди донишро мавриди таҳлил қарор медиҳад. Ин илм аз вожаи юнонии gnosis – дониш ва logos – омӯзиш гирифта шуда, ҳадафи он баррасии асосҳои назариявӣ ва амалӣ кардани имконоти инсон дар шинохти воқеият аст.

Дар доираи гносиология инсон ҳамчун мавҷуди доно ва ҷустуҷӯкунандаи ҳақиқат ба сифати субъекти шинохт баррасӣ мешавад ва ҷаҳон, ашё ва падидаҳо ҳамчун объекти шинохти ӯ қарор мегиранд. Ҳамин тавр, гносиология иртибот ва муносибати байни субъект ва объектро таҳлил мекунад.

Яке аз масъалаҳои меҳварии гносеология муайян кардани ҳақиқати дониш аст. Гносеология меъёрҳои гуногуни санҷиши донишро пешниҳод менамояд, аз ҷумла мувофиқат бо воқеият (дониш вақте ҳақиқист, ки ба воқеият мувофиқат кунад), санҷиши таҷрибавӣ (дониш бояд дар амал исбот шавад), мантиқ ва далелеҳо (дониш бояд дар амал исбот шавад), натиҷаи амалӣ (илм бояд қобили истифода дар амал бошад), таҷрибаи ҷамъиятӣ ва таърихӣ (донишҳое, ки дар тули таърих собит шудаанд, эътимоди бештар доранд. Масъалаи ҳақиқат нишон медиҳад, ки гносиология на танҳо пайдоиши дониш, балки сифати онро низ меомӯзад.

Ба аҳли таҳқиқ маълум аст, ки гнесология яке аз шохаҳои муҳим ва асосии фалсафа мебошад, ки ба масъалаи шинохт, ҳақиқат ва шеваҳои дарки он бахшида шудааст. Аввалин андешаҳои гнесологӣ дар осори файласуфони пешини Юнон, аз ҷумла, Талес, Анаксимандр, Гераклит ва Парменид, зуҳур ёфтанд. Онҳо кӯшиш мекарданд, дарк намоянд, ки шинохти инсонӣ ба табиат ва падидаҳои ҳастӣ чӣ гуна иртибот дорад. Масалан, Гераклит бо таъкиди пайвастагии доимии тағйирот, шинохтро низ чун раванди тағйирёбанда медонист. Парменид бошад, шинохти ҳақиқиро танҳо тавассути ақл имконпазир медонист ва ҳиссиётро роҳнамои нодуруст мешуморид. Суқрот ва Афлотун ба ин баҳсҳо самти ҷадиде бахшиданд. Суқрот шинохтро аз худшиносӣ оғоз кард ва шеваи машҳури «ман медонам, ки чизеро намедонам»-ро пеш гузошт, ки худ усули маърифати танқидӣ аст. Афлотун назарияи маъруфи «олами муқаддасоти ақлӣ» ё «олами муҳаққақоти идеалӣ»-ро ба миён оварад, ки бар он асос ёфта буд, ки дониши ҳақиқӣ танҳо дар шинохти мафҳумҳои абадӣ ва ғайримоддӣ даст медиҳад, на дар таҷрибаи ҳиссӣ.

Дар даврони баъдӣ, файласуфони стоикӣ, кинӣ ва эпикурей ҳар яке шеваҳои гуногуни шинохтро баррасӣ карданд, вале аксарият бар он буданд, ки эҳсос ва таҷриба нақши калидӣ дорад. Пиррон ва шубҳагароёни юнонӣ асоси гнесологияро бо шубҳаҳои шадид ларзонданд ва аз дурустии ҳар гуна шинохти мутлақ сарпечӣ карданд. Ин шубҳапарокании фалсафии Юнон бо интиқоли фалсафа ба ҷаҳони ислом ва баъдтар ба Аврупои асрҳои миёна, тавассути фикрронии

исломӣ ва насронӣ идома ёфт. Баъдтар Рене Декарт бо шиори машҳури «Ман меандешам, пас ҳастам» пояи гнесологияи навро гузошт.

Дар фалсафаи исломӣ бо зуҳури донишмандоне чун Муҳаммади Ғаззолӣ, Форобӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абубакри Розӣ, Носири Хусрав, Ҷалолуддин Балхӣ ва даҳо тани дигар ба ин мафҳум аз нигоҳи назарияҳои фалсафаи ислом нигариста, гнесологияро ба мафҳуми васеътар мавриди омӯзиш қарор доданд.

Салоҳуддини Салҷуқӣ низ мисли аксари мутафаккирони ба масъалаҳои маърифат ва шинохт таваҷҷуҳи хос дорад. Масъалаҳои шинохтро Салҷуқӣ ба мисли аксари намояндагони фалсафаи ҷаҳони ислом баррасӣ намуда, ба маърифатпазирии олам бовар дошт. Аз дидгоҳи ӯ, шинохт танҳо раванди инъикоси сурати ашё дар ҳис ва ақл аст. Дар ин масъала Салҷуқӣ аз равиши файласуфони машшоӣ, ба мисли Ибни Сино истифода намояд ҳам, ба усули маърифатии ирфони исломӣ низ таваҷҷуҳ дорад. Субъекти шинохт (инсон) ва объекти шинохт (олам) нест, балки беш аз ин як раванди фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва таърихӣ мебошад. Салҷуқӣ шинохтро яке аз пояҳои ҳастии инсон медонад. Ба қавли ӯ: «Инсон то дар айни шинохт набошад, дар айни ҳастӣ низ ба камолот намерасад» [131, с. 42].

Дар мабҳаси маърифатшиносии Салҷуқӣ шинохти инсон ҷойгоҳи хос дорад. Ба ақидаи Салҷуқӣ, инсон танҳо як воқеияти биологӣ ё ҷисмонӣ нест. Ҳастии ҳақиқии инсон он вақт шакл мегирад, ки ӯ огоҳона, бо шуур ва бо дарки худшиносии воқеият зиндагӣ кунад, яъне инсон мавҷудест, ки аз роҳи шинохт ҳастии худро месозад. Ҳар қадар андеша, фаҳм ва худогоҳӣ бештар бошад, ҳамон қадар ҳастии инсон арзишмандтар ва пурмазмунтар мегардад.

Ӯ бар ин назар аст, ки камолоти инсонӣ тавассути шинохт, тафаккур ва тадаббур амалӣ мешавад. Салҷуқӣ таъкид мекунад, ки Ибни Сино буданро ба идрок рабт медиҳад, Мулло Садро вуҷудро бо шинохт ва ҳаракати ҷавҳарӣ мепайвандад, шайх Суҳравардӣ нури маърифатро асоси руҳ медонад. Аммо худи ӯ инро дар шакли кунунӣ, равшан ва инсонмеҳвар мефаҳмонад ва мегӯяд: «шинохт на танҳо роҳ ба вуҷуд аст, он худ пояи вуҷуд аст» [123, с. 124]. Яъне, Салҷуқӣ шинохтро шарти вуҷуд ва камоли инсон медонад. Ба ақидаи ӯ, инсон то замоне, ки худ ва ҷаҳонро дарк накарда бошад, будани ӯ будани комил ва маънодор нест. Аз ин ҷост, ки наҷоти инсон, рушд ва камолоти ӯ аз роҳи маърифат ва бедории зеҳнӣ ҳосил мешавад. Ӯ ба қудрати инсон дар шинохт бовар дорад ва ба ин назар аст, ки: «Шинохт имконпазир аст, аммо ин имконпазирӣ мутлақ нест, инсон дар масири шинохт ҳамеша дар ҳоли такмил мебошад» [123, с. 54].

Бо далели мазкур Салҷуқиро метавон ба равияи гносизм наздик донист. Гносизм бар он таъкид мекунад, ки инсон қобилияти шинохтан ва дарки воқеиятро дорад, ҳарчанд шинохти ӯ метавонад маҳдуд, нисбӣ ва дар ҳоли такмил бошад. Маҳз ҳамин нуқта дар маркази андешаҳои Салҷуқӣ қарор дорад. Аз нигоҳи ӯ, инсон табиатан мавҷуди дарккунанда

аст. Ҳастии инсон аз шинохт ҷудо нест ва ӯ аз роҳи шинохт ҷаҳонро мефаҳмад, ҷойгоҳи худро дар ҳастӣ муайян мекунад ва будани худро маънодор месозад. Аммо баръакси догматикҳо, ки шинохтро мутлақ ё пурра медонанд, Салҷуқӣ мавқеи миёна ва мутавозинеро пешниҳод мекунад.

Ба ақидаи олим, шинохт имконпазир аст, аммо он мутлақ нест. Инсон дорои ақл, шуур ва қудрати тадаббур аст. Ин нерӯҳо ба ӯ имкон медиҳанд, ки муҳитро бифаҳмад, қонунмандии ҳастиро кашф кунад ва ба хулосаҳои илмӣ, фалсафӣ ва ахлоқӣ бирасад. Пас шинохт ба куллӣ номумкин нест, балки як амри воқеӣ, табиӣ ва зарурӣ аст.

Дар баробари ин Салҷуқӣ бовар дорад, ки инсон ба шинохти мутлақ, фарогир ва ниҳоӣ наметавонад бирасад. Маҳдудиятҳои инсонӣ чунинанд: маҳдудиятҳои қудрати ҳиссӣ ва таҷрибавӣ, маҳдудияти забон ва мафҳумҳо, маҳдудияти ақл аз дарки ҷанд қабати амиқи ҳастӣ ва тағйирёбанда будани донишҳои илмӣ. Аз ин рӯ, шинохт нисбӣ, дар ҳоли рушд ва ниёзманд ба бозбинӣ мебошад. Ин мақеъ Салҷуқиро аз догматизм (бовар ба донишҳои мутлақ) дур ва ба гносизми мутавозин наздик мегардонад. Аз назари файласуф, инсон дар масири шинохт ҳамеша дар ҳоли такмил мебошад. Шинохт ҳамчун раванд, такмилёбии доимӣ ва тафаккури танқидӣ, баромад намуда, ҳастӣ бидуни маърифат фаҳмида намешавад.

Яке аз масъалаҳои меҳварии маърифатшиносӣ шинохти ҳақиқат ба ҳисоб меравад. Мутафаккир ҳақиқатро дорои ду сатҳ: мутлақ ва нисбӣ медонад. Ӯ таъкид мекунад, ки «Ҳақиқат дар моҳияти худ устувор, воҳид ва мутлақ аст, вале дар оинаи шуури инсон ба сурати нисбӣ ва таърихманд таҷаллӣ меёбад» [131, с. 112-120].

Салҷқӣ ба ин бовар аст, ки инсон ҳақиқатро мустақим дарк намекунад. Ҳақиқат барои инсон нисбӣ мешавад, албатта, нисбӣ будан ба маънои «бепоя» будан нест, балки ба маънои он аст, ки инсон ҳақиқатро қисман дарк мекунад. Яъне, ҳақиқат як аст, аммо дар шуури инсон ба шаклҳои гуногун зоҳир мешавад. Салҷуқӣ мехоҳад бигӯяд, ки «ҳақиқат як ҳаст» (мутлақ ва устувор), вале мо онро бо зеҳни худ, бо маҳдудиятҳои худ ва дар ҳар давра ба шакли дигар мебинем. Вай қисме аз ҳақиқатро «интегралӣ» ва «ирфонӣ» медонад. Яъне, инҳо сатҳҳое ҳастанд, ки ақл ба онҳо танҳо ба таври маҳдуд дастрасӣ дорад. Ӯ қайд мекунад, ки: «Баъзе ҳақоиқро на бо мантиқ ва на бо ҳиссиёт метавон дарёфт, инҳо дар умқи шуури маънавии инсон таҷаллӣ мекунанд» [126, с. 59].

Ҳамзамон Салҷуқӣ ҳақиқатро ба ду бахш: ҳақиқати интегралӣ ва ҳақиқати ирфонӣ ҷудо мекунад. Ҳақиқати интегралӣ бо ақл, мантиқ, далел ва таҷриба дарк мешавад. Он чизе ки дар фалсафаи классикӣ «ҳақиқати илмӣ» ва «ҳақиқати ақлонӣ» номида мешавад. Хусусиятҳои ҳақиқати интегралӣ ин таҳлилпазирӣ, бо далели мантиқӣ исботшавандагӣ, бо забони муқаррарӣ баёншуда ва ғайра мебошад. Ҳақиқати ирфонӣ бошад, аз зинаи шуури маънавӣ ва таҷрибаи ботинӣ

сар мезанад. Мантиқ ва ҳисси зоҳирӣ наметавонад онро ба таври комил тавзеҳ диҳад. Муҳимтарин хусусиятҳои ҳақиқати ирфонӣ дар ниёзманд будани инсоният ба тачрибаи руҳонӣ на назариявӣ, шинохти мустақими Худо тавассути покии ботин ва кашфу шуҳуд. Ақл барои дарёфти ҳақиқат муҳим бошад ҳам, инсонро то марҳалаи муайян мерасонад ва дар ин замина тавассути пок сохтани дил, тачрибаҳои ботинӣ ва кашфу шуҳуд ҳақиқат дастрас мегардад.

Ба ақидаи файласуф, баъзеи ҳақоиқро на бо мантиқ ва на бо ҳиссиёт метавон дарёфт. Ин андеша бар ду асос такя мекунад. Мантиқ дар баъзе ҳолат маҳдуд аст, вай танҳо бо мафҳумҳо кор мекунад. Аммо воқеият аз мафҳум васеътар аст. Ҳамчунин тавассути ҳиссиёти панҷгона метавон танҳо ҷаҳони моддиро дарк намуд, аммо ҳақиқат танҳо модда нест. Инсон дорои ҷаҳони маънавӣ, ҳисси ботинӣ ва шуур аст. Салҷуқӣ мегӯяд, ки ба воситаи шуур метавон ба ҳақиқате расид, ки ақл ҳеҷ гоҳ ба он роҳ надорад, мисли он ки чашм наметавонад садоро бинад [181, с. 59].

Хулоса, таълимоти ҳастишиносии Салоҳуддини Салҷуқӣ аз назари методологӣ ба ҷараёни гносизм наздик аст, зеро бар имконпазир будани шинохти инсон таъкид мекунад. Бо вуҷуди ин, ӯ шинохтро мутлақ намедонад ва бар ин назар аст, ки донишҳои инсон ҳамеша нисбӣ, тағйирёбанда ва дар ҳоли такмил мебошанд. Аз ин рӯ, инсон дар масири шинохт равандест, ки поёни қатъӣ надорад, балки ҳаракати доимӣ ба сӯи камолот ва фаҳмиши амиқтари ҳастист. Ҳамин тавр, ҳақиқат барои Салҷуқӣ зуҳури ҳамзамони воқеият, мантиқ, дониш ва амал аст. Бо ин тарз, Салҷуқӣ ҳақиқатро ҳамчун раванд ва низоми маърифат мешиносад, ки дар он инсон бо истифода аз мантиқ, тачриба ва арзёбии амалӣ ба фаҳмиши мукаммалтар наздик мешавад.

Дар боби 3-юми диссертатсия «Ақидаҳои ахлоқӣ, зебоишиносӣ ва инсонпарварона Салоҳуддини Салҷуқӣ» таҳлил гардида, **дар зербоби 3.1. «Таълимоти ахлоқӣ ва зебоишиносии Салоҳуддини Салҷуқӣ»** мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Зебоишиносӣ ё эстетика соҳаи фалсафие мебошад, ки муносибати эстетикии инсонро ба воқеият, қонуниятҳои дарк ва эҷоди зебоӣ, табиати санъат ва категорияҳои асосии эстетикиро таҳқиқ мекунад. Муносибати эстетикии инсон метавонад нисбат ба табиат, ҷомеа, меҳнат, рафтори инсон, муҳити зиндагӣ ва дигар падидаҳои воқеият ташаккул ёбад. Инсон метавонад манзараи табиат, меъморӣ, мусиқӣ, шеър, рафтори шоиста ҳатто тартиб ва ҳамоҳангии фаъолияти иҷтимоиро аз нуқтаи назари эстетикӣ арзёбӣ намояд

Андешаҳои ахлоқӣ, зебоишиносӣ, ва инсонпаварона дар таълимоти Салоҳиддини Салҷуқӣ, ҷойгоҳи хосса дошта, ин масъалаҳо аз ҷониби ӯ бо диди нав шарҳу тавзеҳ дода шудааст. Салҷуқӣ дар баробари дигари файласуфон зебоӣ ва ахлоқро ҳамчун унсурҳои муҳимми тарбияти инсонӣ мешуморад. Вай таъкид мекунад, ки зебоӣ ва ахлоқ на танҳо рафтору гуфтори инсонро муайян, балки ба ташаккули хислатҳои ботинию зоҳирии ӯ низ таъсир мерасонад. Ба андешаи Салҷуқӣ агар

инсон ба одамони бад ҳамнишин шавад, метавонад ахлоқи худро аз даст диҳад ва баръакс, ҳамнишинӣ бо одамони хуб метавонад ӯро ба роҳи дурусти зиндагӣ роҳнамоӣ кунад. Салоҳуддин Салҷуқӣ пешниҳод менамояд, ки барои тарбияи ахлоқии дуруст, бояд инсонро ба донишҳои ахлоқӣ, таҷрибаҳои амалии хуб ва муҳити мусоиди ахлоқӣ таъмин кард. Вай таъкид мекунад, ки омӯзиши ахлоқ бояд дар тамоми марҳалаҳои ҳаёт, аз кӯдакӣ то пирӣ, идома ёбад. Ва инчунин мақсади асосии ахлоқ аз назари Салҷуқӣ, расидан ба камолоти инсонӣ ва таҳкими муносибатҳои мусоиди иҷтимоӣ мебошад. Вай бар он андеша ҳаст, ки ахлоқи хуб метавонад ҷомеаро ба рушди маънавӣ ва иҷтимоӣ расонад. Афзалиятҳои зебогиро бошад, Салҷуқӣ дар дарки зебоӣ. Офаридани он ва баҳраманд гардидан аз он медонист. Зебогии ботинӣ инсонро зебу зиннат ва тароват медиҳад.

Ба андешаи Салҷуқӣ «Зебоӣ сарчашмаи умед аст ва ҷалолу шӯҳрат сарчашмаи тарс аст ва ин ду унсур хоҳишоти инсонро ба вуҷуд меорад. Аммо, хоҳиш ин амалест, ки бидуни назарияи завқ ба вуҷуд меояд. Зебоӣ моро ба фазои бепоён ва марҳалаи абадият ҷалб мекунад. Аммо, ҷалолу шуҳрат бошад, баръакс моро аз ин майдон маҳдуд месозад ва ин ду чизест, ки роҳи охиратро муайян мекунад, ки мо ба нерӯи ҳавас ва раҳнамоии завқ дар он сафар мекунем» [173, с. 44-54].

Салҷуқӣ бо такя ба таҳлилҳои Арасту бо баррасии таҷрибаи инсонӣ, барои дарки мушкилоти инсон ва роҳҳои ҳаллу бартарафсозии онҳо нуқтаҳои назар ва шарҳҳои амиқи худро ироа намудааст. Ҳар як инсон талош мекунад, ки ба саодат бирасад, на хушбахтии зудгузар, балки комёбии ботинӣ ва зиндагии комилу маънидор. Мушкилоти инсонӣ он гоҳ сар мезананд, ки ӯ аз роҳи ҳақ ё ба тариқи дигар гӯем роҳи ростӣ дур мегардад. Ҳаёти солиму хушбахтона аз амалҳои нек одатҳои хуб сарчашма мегирад. Агар инсон ба афроди дигар ва ҷомеа беэътино бошад, ё танҳо шаҳвату хоҳишҳои худро дунбол кунад, ба мушкилот рӯ ба рӯ мешавад. Яке аз роҳҳои ҳал кардани мушкилоти ҳаётӣ аз нигоҳи Арасту риояи эътидол аст. Барои ҳалли мушкилоти ҳаётӣ, вай бояд дар ҷомеаи адолатпарвар, ки тартибу қонун дорад, зиндагӣ кунад. Ҷомеаи беҳтар ҳамонест, ки шароити рушди ахлоқии инсонро фароҳам меорад. Ӯ ақлро воситаи муҳим барои дарк намудани ҳақиқат ва идора кардани хоҳишҳои нафсонӣ медонист. Барои рафъи мушкилоти зиндагӣ, инсон бояд ба тафаккур, омӯзиш ва худшиносӣ рӯ орад. Инчунин мушкилоти ҳаётро ҳамчун паёмади дур шудан аз ақл, ахлоқ ва эътидол медид. Ба андешаи ӯ, роҳи наҷот дар зиндагии маънидор, ахлоқи мутаносиб бо табиати инсон аст.

Ба ақидаи Салҷуқӣ, хушбахтии ҳақиқӣ аз эътимод ба нафс иборат аст, ки бо ҷаҳони табиӣ ва иҷтимоӣ ва ҳатто ҷаҳони метафизикӣ қаноатманд аст ва ин ҷаҳон ҳам хушбахтии ӯст. Шахсе, ки дар оилаи солим ва муҳити солими иҷтимоӣ ба воя расидааст, табиист, ки агар дар фитрати инсонии ӯ нуқсони сохторӣ ё инҳироф набошад, аксар вақт дар миёни ғаризаҳои худ адолат ва мувозинат миёни қисматҳои фитрати ӯ

амал мекунад. Ва ин чизест, ки манфиат ва саломатӣ, беҳбудӣ, қуввату қаноатмандӣ ва махсусан ризоияти Офаридгорро меорад [131, с. 145-150].

Салҷуқӣ инсонро мавҷуди ҷустуҷӯгар, дар ҳоли такмил ва дорои қудрати худсозӣ медонад. Ба андешаи ӯ: «Ахлоқ пояи ҳастии инсон аст, зеро инсон бидуни низоми арзишҳо монанди мавҷуди саргардон мемонад, ки роҳро аз бероҳи фарқ карда наметавонад» [131, с. 185]. Аз инҷо маълум мегардад, ки барои устод ахлоқ танҳо маҷмӯи қоидаҳои рафтор нест, он барномаи шаклгирии шахсият аст. Хушахлоқӣ ба маънои дар ҳамоҳангӣ қарор гирифтан бо низоми маънавии олам мебошад.

Салҷуқӣ таъкид мекунад, ки ахлоқ бидуни маърифат нопурра аст, зеро: «Қиммати ахлоқ аз қиммати маърифат ҷудо нест, рафтори нек аз дили маърифат сар мезанад» [131, с. 162-168]. Ин андеша ба фалсафаи ирфонӣ наздик аст, ки рафтори некро натиҷаи покии ботин медонад.

Таҳлили андешаҳои Салҷуқӣ нишон медиҳад, ки вай ба масъалаи ахлоқ ва зебоишиносӣ ҳамчун ду пояи асосии камоли инсон назар мекунад. Дар навиштаҳои фалсафии ӯ ахлоқ на танҳо низоми рафтор, балки низоми маънавии ҳастӣ аст, ки инсонро ба сӯи камол, озодӣ ва маърифати руҳӣ ҳидоят мекунад. Зебоӣ бошад, шакли олии зуҳури ҳақиқат дар ҷаҳон маҳсуб мегардад.

Ба андешаи Салҷуқӣ инсон бояд байни қувваҳои ҳисси ва ақлӣ тавозун пайдо кунад: «Инсон вақте ки ба камол мерасад, ки ақл роҳнамо ва эҳсосот муиеи он гарданд, ин ҳамоҳанги пояи ахлоқи солим аст» « [131, с. 83]. Аз инҷо бармеояд, ки ахлоқ барои Салҷуқӣ низоми танзимкунандаи ҷони инсон аст.

Салҷуқӣ дар баробари дигари файласуфон зебоӣ ва ахлоқро ҳамчун унсурҳои муҳимми тарбияти инсонӣ мешуморад. Вай таъкид мекунад, ки зебоӣ ва ахлоқ на танҳо рафтору гуфтори инсонро муайян, балки ба ташаккули хислатҳои ботинию зоҳирии ӯ низ таъсир мерасонад.

Дар заминаи таҳлили таълимоти ахлоқӣ ва эстетикии Салоҳуддини Салҷуқӣ ба натиҷаҳои зерин расидем:

- ахлоқ низоми комилкунандаи шахсият ва пояи ҳастии инсон аст;

- зебоӣ таҷалии ҳақиқат, шакли руҳонии маърифат ва василаи тарбия мебошад;

- ахлоқу зебоӣ дар якҷоягӣ низоми ягонаи маънавиро ташкил медиҳанд ва инсонро ба камол мерасонанд;

- андешаҳои ахлоқиву зебоишиносии таҳти таъсири таълимоти Афлотун, Арасту, фалсафаи исломӣ, ирфон ва намояндагони фалсафаи асримиёнагиву минбаъда шакл гирифтааст.

Дар зербоби 3.2. «Андешаҳои Салоҳуддини Салҷуқӣ дар бораи инсон» таҳлил гардидааст. Дар зербоби мазкур гуфта мешавад, ки омӯзиши инсон ва дарку хаёлоти вай яке аз масъалаҳои муҳимми

фалсафӣ маҳсуб меёбад, ки аз замонҳои қадим диққати файласуфонро ба худ ҷалб карда, назарияҳои гуногунро ба вуҷуд овардааст.
Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки Салоҳуддини Салҷуқӣ дар осораш ба он эътибори ҷиддӣ медиҳад, масъалаи инсон аст. Чи тавре дар баррасии масоили ахлоқӣ ва зебоишиносии ӯ ишора шуд, Салҷуқӣ инсонро аз мавҷуди ҷисмонӣ, рӯҳонӣ, ахлоқӣ, маърифатҷӯ ва рӯ ба камол меҳисобад. Марҳилаҳои камоли инсонро мутафаккир дар қисмати антропология матраҳ мекунад. Антропология илмест, ки инсонро ҳамчун мавҷудоти биологӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ меомӯзад. Он на танҳо ҷисм ва сохти биологии инсонро, балки инчунин таърихи инкишофи инсон, фарҳанг, равишҳои иҷтимоӣ, одатҳо ва тафаккури ӯро таҳқиқ мекунад.

Аз назари Салҷуқӣ, антропология илми шинохти инсон аст, ки инсонро ҳамчун мавҷудоти биологӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ меомӯзад. Яъне ӯ дар мабҳаси антропология инсонро на танҳо аз лиҳози физикӣ ва эволютсионӣ таҳлил мекунад, балки ба мазмун ва мақоми инсон дар ҷаҳон низ таваҷҷуҳи хос медиҳад. Ӯ инсонро на танҳо мавҷудоти моддӣ, балки субъекти маънавӣ ва ирфонӣ мешуморад. Яъне инсон ҳам биологӣ вуҷуд дорад ва ҳам қобилияти фикр, эҳсос ва ирода дорад. Ба ин маънӣ, антроология бояд ҳам ҷисм ва ҳам табиати инсонро баррасӣ кунад.

Андешаҳои Салоҳиддин Салҷуқӣ дар робита бо мафҳуми антропология, ё худ инсоншиносӣ, ба таври амиқ ва решадор бо фалсафаи маънавӣ, ахлоқӣ ва ҳастишиносии ӯ пайванд доранд. Ӯ инсонро ҳамчун маркази маънӣ ва меҳвари ҳаракат аз ҷаҳони модда ба сӯи ҷаҳони маънӣ ва камол медонад. Ба назари Салҷуқӣ, инсон, на танҳо мавҷуди табиӣ аст, балки як зоти рушдёбанда, маърифатталаб ва ахлоқпарвар мебошад, ки масири ҳастии ӯ бо талош барои расидан ба ҳақ, хайр ва ҷамол тавсиф мешавад. Аз ин лиҳоз, инсон дар фалсафаи ӯ мавҷуде аст, ки вазифа дорад тавассути тарбияи ахлоқӣ ва шинохти маърифатӣ аз ҳолати ҷисмонӣ ба дараҷаи маънавии вуҷуд бирасад. Ин андешаҳо ба антропологияи фалсафӣ ва маънавӣ наздиканд, зеро инсон дар осори ӯ мавҷуде нест, ки танҳо бо муҳити иҷтимоӣ ва биологӣ таъриф шавад, балки шахсест бо ирода, мақсад ва қобилияти сайри маънавӣ, ки метавонад дар зинаҳои камол бирасад. Салҷуқӣ таъкид мекунад, ки инсон танҳо дар алоқа бо ҷомеа ва заминаҳои фарҳангӣ ва ахлоқӣ маъно пайдо мекунад, аз ин рӯ ӯ бар зидди индивидуализми ифротӣ ва иҷтимоигароии мутлақ аст ва дар ҷои он як назари муътадили фалсафии инсонро пеш мебарад. Ин гуна таҳлили инсони комил, ки ба воситаи ахлоқ, дониш ва маърифат аз ҳолати табиӣ ба марҳалаи руҳонӣ ва маънавӣ меравад, сутуни марказии антропологияи Салоҳиддин Салҷуқиро ташкил медиҳад. Аз назари ӯ, инсон ҳамон вақт комил мешавад, ки ахлоқро асос қарор дода, ба маърифат рӯ оварад ва саъй кунад то дар симои Ҳақ, Хайр ва Ҷамол, ки сифоти илоҳиянд ҷойгоҳи худро дар олами ҳастӣ биёбад.

Ба қавли Салҷуқӣ ин гуна ашхос «чароғи устувори мустамликаҳо» мебошанд, ки пояи бинои дониши башариро ифода

мекунанд. Дар таърихи илм ин файласуфон роҳи дурустаринро интихоб намудаанд. Дар ҳама масъалаҳои зиндагӣ ба маслиҳат муроҷиат мекарданд ва ҷаҳонро оқилона қабул мекарданд. Салҷуқӣ бар ин назар аст, ки ҳикмат ва фалсафаи онҳо илми башар, бахусус худогоҳиву худшиносиро тавонистааст дуруст шарҳу тавсир кунанд. Бесабаб нест, ки Афлотун дар яке аз мақолаҳояш бо забони Суқрот чунин мегӯяд: «ҷони худро бо ҷони худ бишнос». Ин ибора санги асос дар пояи дониш ё худшиносии инсон дониста мешуд. Ба ақидаи Салҷуқӣ нигоҳи Афлотун бар он аст, ки инсон бояд такя ба ақл намуда рафтори худро ба танзим дарорад. Агар, инсон бар зидди ақл ва ҳақиқат барояд ӯ бузургтарин ҷоҳил ба ҳисоб меравад.

Салҷуқӣ инсонро ҳамчун синтези ҳиссиёт ва ақл ҳисобид. Ӯ инсони комилро ба меваи хушбуйидиҳанда ташбеҳ медиҳад. Ғайр аз ин, ӯ таъкид мекунад, ки инсон бояд, на танҳо дар сатҳи моддӣ, балки баландтар, дар фазои маънавӣ, ахлоқӣ ва фалсафӣ инкишоф ёбад, то дар ҳамин сатҳ қобилияти ақлӣ ва эстетикӣ истифода карда тавонад [131, с. 42-50]. Аз ин бармеояд, ки Салҷуқӣ инсонро ҳамчун раванди омезиши ақл ва ҳиссиёт баррасӣ мекунад. Ӯ нақши ақлро дар ташаккули инсон муҳим медонад, ки тавассути он ҳиссиёт ва иттилоотӣ гуногун таҷассум меёбанд. Ғайр аз ин, Салҷуқӣ таъкид мекунад, ки инсон бояд танҳо дар сатҳи моддӣ маҳдуд нашавад, балки дар фазои маънавӣ, ахлоқӣ ва фалсафӣ низ рушд кунад, то қобилияти ақлӣ ва эстетикии худро пурра истифода барад.

Салҷуқӣ таълимоти инсоншиносии Суқрот, Афлотун ва Арастуро муҳимтарин сарчашмаҳои ташаккули антропология меҳисобад. Дар таърихи илм ин файласуфон аз аввалинҳо шуда, таърифи моҳияти инсон ва мақсади асосии мавҷудияти ӯро муайян намудаанд. Андешаҳое, ки Салоҳиддин Салҷуқӣ дар мавзуи мақоми инсон баён мекунад, бо таваҷҷуҳ ба назариёти файласуфони бузурги Юнон баён шуда, хулосаҳои мушаххас бароварда шудааст. Ӯ дар осори худ аввалан ба нуктаи муҳим – ташаккули маркази ақлӣ ва идораи иттилоот таваҷҷуҳ мекунад ва таъкид мекунад, ки ин марказ, на танҳо дар инсон, балки дар ҳайвоноти гуногун низ вуҷуд дорад ва ҳатто дар баъзе мавридҳо қобилиятҳои ҳассосиву дарки онҳо нисбат ба инсон ҳам баландтар аст. Масалан, қобилияти шунавоӣ ва бӯйгирии сагҳо ё қобилияти самараноки системаи ориентираи шабона дар хамаки шабона. Ин нуктаҳои Салҷуқӣ ба мо нишон медиҳанд, ки фарқи байни инсон ва ҳайвонот танҳо дар сатҳи қувваи эҳсосот ё иқтидори хос нест, балки дар сатҳи ташаккули маркази фикрӣ ва маърифатӣ, ки мутамарказ ва ҳамоҳангкунии иттилоот аз ҳиссиётҳои гуногунро таъмин мекунад, мебошад [131, с. 28-36].

Ба ҳамин монанд, Арасту инсонро мавҷуде мебинад, ки дорои малакаи акливу мантиқӣ аст, ки бояд онро рушд диҳад. Вай ақлро ҳамчун рушду маърифати воқеият мебинад, ки инсонро аз дигар мавҷудот фарқ медиҳад. Аммо, Салҷуқӣ, на танҳо ба ақл ва маърифат,

балки ба маркази маҷмуии иттилоотӣ, ки дар он ҳиссиёт ва фикр бо ҳам кор мекунанд, таваҷҷуҳ мекунад. Ба ибораи дигар, Салҷуқӣ вижагии инсонро дар низоми комили фикр ва ҳиссиёт мебинад, ки барои ташаккули маънавиёт ва маърифати ҳақиқӣ зарур аст.

Дар назарияи Арасту ва Афлотун, инсон маҳз ба далели қобилияти сухан гуфтан ва ақл доштани худ аз ҳайвонот фарқ мекунад. Аммо Салҷуқӣ бо мисолҳои амалӣ ва илмӣ нишон медиҳад, ки ин арзёбӣ метавонад ниҳоят мураккабтар бошад ва ҳатто ҳайвоноте ҳастанд, ки нишонаҳои фикр ва ҳатто иродаи амалии нисбатан мураккаб доранд. Пас, дар назарияи ӯ фарқи аслӣ, на танҳо дар доираи эҳсосот ва ният аст, балки дар сатҳи маҷмуии фикрӣ, ирфонӣ ва маънавӣ, ки инсонро аз ҳайвонот ҷудо мекунад [131, с. 37-43].

Бо ин тартиб, андешаи Салҷуқӣ ин аст, ки фарқи аслӣ ва мақоми баландтарини инсон дар сатҳи маънавӣ ва ирфонии комил, ки бо ақл ва иродаи мустақим идора мешавад, на танҳо дар қобилияти гуфтугӯ ё ҳиссиётҳои оддӣ, ки онҳо низ дар ҳайвонот вуҷуд доранд. Ин таҳлил, ки бо назардошти муқоисаи таълимоти файласуфони Юнон баррасӣ гардид, нишон медиҳад, ки Салҷуқӣ назарияи худро бо истифода аз тафрибаи илми муосир ва мушоҳидаҳои амиқтар оид ба ҳайвонот ва инсон пеш мебарад ва мақоми инсонро на ҳамчун мавҷуди танҳо биологӣ ва аклӣ, балки ҳамчун мавҷуди маънавӣ ва ирфонӣ, ки ҳангоми таҳаммулпазирӣ ва рушди доимӣ ба дараҷаи олии ақл ва маърифати мутлақ мерасад, медонад. Дар назарияи Салҷуқӣ, инсон на танҳо як мавҷуди биологист, балки мавҷуди ақлӣ, эстетикӣ ва ахлоқӣ, ки дар роҳи ташаккули маркази ақл ва омезиши ҳиссиёту ақл, ба комилияти маънавӣ ва ирфонӣ мерасад. Ин назар руҳи антропологияи фалсафӣ ва маънавиро тасвир мекунад, ки инсонро ҳамчун мавҷуди низоми хештаншиносӣ, маърифатталаб ва ахлоқпарвар мебинад.

Салҷуқӣ дар китоби худ, бо номи «Муқаддимаи илми ахлоқ» қайд мекунад: «Инсоният барои мақсади бузурге ба дунё омадааст, дар аслу моҳияти худ ин ҳадаф тамомнашаванда ба ҳисоб меравад, мисли, оне ки истеъдоди инсон тамомнашаванда аст. Вай ишора мекунад мусофиреро, ки саёҳат мекунад муддати ҳазор сол, лекин то ҳол ба нуқтаи охири мақсади худ нарасидааст, аз ин хотир вай пурра бо ақлу хирад ва фаҳму фаросат ошноӣ дорад» [126, с. 145].

Асосӣ инсоншиносии Салҷуқиро - ҷаҳони ботинии ӯ, хоҳишот ва шавқу ҳавас, ҳиссиёт, рафтор, урфӯ одат, камолоти рӯҳӣ ва ғайра ташкил медиҳад. Пешниҳод намудани ӯ доири чор унсури ҳастии инсоният навоварӣ дар илм ба ҳисоб меравад ва дар илми антропология ин унсурҳо ҳамчун як талаботи мароқангез шуморида мешаванд.

Салоҳуддин Салҷуқӣ Афлотунро бузургтарин файласуф медонад ва ӯро соҳиби фикру андешаҳои тару тоза меҳисобад, лекин назари ӯро нисбат ба инсон номукаммал мебинад. Ба ақидаи ӯ «Афлотун бар ин гумон аст, ки асоси инсоният дар бадан таҷассум наёфтааст ва инчунин ибтидои инсоният дар одамони оддӣ асос наёфтааст» [126, с.

119-123]. Илова бар ин Салчуқӣ ба назарияи Афлотун, ки инсонро танҳо мавҷуди иҷтимоӣ медонист, розӣ нест. Аммо дар айни ҳол Салҷуқӣ ба идеяи Афлотун нисбати барпо намудани ҷамъияти мукаммали башарӣ, ки сарвари он оқилтарини ҷамъият мебошад ва ҳар як меҳнаткаш дар ин давлат мувофиқи истеъдод ва маҳорааш ба вазифа таъин карда мешавад, баҳои баланд додааст. Ба ақидаи Салҷуқӣ, азбаски Афлотун пай бурд, ки ҳеҷ яке аз низомҳои сиёсии мавҷуда натавонистаанд ҷомеаи идеалиро ба вуҷуд оварад, ӯ ба тарҳрезии чунин ҷомеа шурӯъ намуд. Салҷуқӣ мутафаккирони юнонро эътироф мекард ва нисбат ба онҳо эҳтиром қоил буд, аммо ба қавли худаш ҳақиқат барои ӯ аз ҳамаи чиз болотар меистад. Худаш таъкид мекунад, ки «Ман ба ақидаҳои мутафаккирони юнонӣ баҳои баланд медиҳам, аммо ҳақиқате, ки имрӯз бо назардошти пешрафти беандоза дар тамоми соҳаҳои илм ба даст омада, мантиқи наве бояд эҷод кунем, ки баёнгари моҳияти инсони имрӯза бошад» [131, с. 55-60].

Дар таърихи фалсафа масъалаи оё инсон дар назди худ ҳадафи махсус дорад ё тасодуфан дар ин дунё барои хӯрдан, нӯшидан ва насл ба дунё овардан ба вуҷуд омадааст, баҳсҳои доманадоре сурат гирифтааст. Мувофиқи назариёти Дарвин, инсон дар раванди эволютсионӣ, ки дар заминаи мутобиқшавӣ ба муҳит мебошад, ташаккул ёфтааст. Мувофиқи ин назария, инсон дар натиҷаи тасодуф ва интихоби табиӣ шакли имрӯзаи худро соҳиб шудааст. Пас, ӯ ҳадафи пешакӣ таъиншуда надорад ва моҳияти худро дар ҷараёни ҳаёташ месозад.

Аз диди мутаккалимон, инсон мавҷуди соҳибихтиёр аст, ки бо ҳадафи муайян офарида шудааст. Ҷавҳари ин ҳадафро маърифати Худо, камоли маънавӣ ва масъулияти ахлоқӣ ташкил медиҳад. Ҳаёти инсон тасодуфӣ нест, ба хотири имтиҳон аст. Файласуфоне чун Суқрот ҳадафи ниҳоии инсонро расидан ба зиндагии шоиста ва пурифтихор ва маргро оғози зиндагии беҳтар ва ҷовидона медонанд. Афлотун ҳадафи ниҳоии зиндагии инсонро дар дастёбӣ ба манзили асосӣ ва манзили зисти худ, ки дунёи идеалӣ ва неъмати олӣ аст, мебинад.

Салҷуқӣ андешаҳои идеалистоне ба мисли Афлотуну Арасту ва мутаккалимоне, ба мисли Ғаззолӣ ва Шаҳристониро дар ин масъала қабул дорад ва қотеъона назарияи ба тасодуф имтиёз додани эволютсиониро рад менамояд. Аммо бо такия ба дастовардҳои илмии замонаш дар масъалаи инсон роҳи миёнаи ҷустуҷӯ намуда, арзишҳои назарияҳои илмиро ошкор кардан мехоҳад.

Салҷуқӣ инсонро мақсади асосии коинот медонад, на воситаи он. Ба назари ӯ, инсон марвориди арзишманд дар маркази баҳри ҳаёт аст. Инсонро сарвари табиат, табдилдиҳандаи он ва ҳадафи некӯаҳволии наздиконашон медонад. Худи ӯ низ ба сӯи ин мақсади олӣ пеш меравад: «Инсон мақсад аст, на воситае аз мақсади табиат, мақсади ҳаёт ва инчунин маркази тамоми ҳастӣ. Агар инсон мақсади табиат набошад, пас мақсади он чист? Мақсади табиат ҳаракат дар самти камолот аст ва ҳоло намебинем, ки дар ҳама гӯшаҳои ҷаҳон чизе мукамалтар аз инсон

вуҷуд дорад? Инсонро ягона гавҳари ин баҳри беканор медонанд» [131, с. 54].

Дар китоби «Муқаддимаи илми ахлоқ» Салҷуқӣ равиши ба камол расидани инсонро нишон додан мехоҳад ва бо такя ба орифони маъруфи ҷаҳони ислом мақому манзалати ин моили ҳастии хосро баррасӣ менамояд. Ӯ қайд мекунад: «Мақсаду мароми инсон иборат аст, аз муккамал шудани ҷон ва руҳи инсонӣ. Барои ба камолоти инсонӣ расидан меъёрҳоеро бояд анҷом дод, ки ин дарк намудан ва иродаи қавӣ доштан мебошад» [126, с. 198]. Ҳадафи Салҷуқӣ аз баёни меъёрҳо, пеш аз ҳама меъёрҳои ахлоқӣ аст, зеро вай камолоти инсониро дар руҳи қавӣ, маърифат ва ахлоқ медид. Бе ахлоқ инсон аз моҳияти инсонӣ дур мегардад. Ахлоқ дар муҳити одилона рушд мекунад ва барои такмили он одамон бояд аз болои худ кор кунанд. Ба андешаи ӯ: «Ахлоқ пояи ҳастии инсон аст, зеро инсон бидуни низоми арзишҳо монанди мавҷуди саргардон мемонад, ки роҳро аз бероҳи фарқ карда наметавонад» [131, с. 165].

Дар масоили маърифатии инсон Салҷуқӣ аслан бо такя ба ҳакимони ғарбӣ мафҳуми озодиро баҳснок меномад. Дар китоби «Муқаддимаи илми ахлоқ» вобаста ба озодӣ Салҷуқӣ зикр мекунад: «Инсон ҳуқуқӣ озодона зистанро дорад, аз ин хотир, бояд мақсад ва иродаи худро зери дастони худ қарор диҳад. Барои он ки мақсад ва иродаи худро зери назорати худ қарор диҳем, мо бояд озод бошем... Озодӣ бояд ба ҳақиқате такя намояд. Агар инсон мақсад дошта бошад, ки вазифаи аввалиндараҷаи худро дар ин дунё шиносад, аввалан, ӯ бояд озод бошад. Барои хуб истифода намудани иродаи худ, шинохтани ҳуқуқ ҳатмист» [126, с. 313].

Дар низоми инсоншиносии Салҷуқӣ шуури ҳуқуқӣ ба таври густурда матраҳ мешавад. Ӯ ҳамчун дипломат ва сиёсатмадор маърифати ҳуқуқиро яке аз муҳимтарин омилҳои рушди ҷомеа меҳисобад.

Мутафаккир инсонро дорои ҳуқуқҳои гуногун ва фарогир медонад, ки ҳамаи онҳо барои такмили маънавӣ ва зиндагии арзандаи инсон офарида шудаанд. Аз назари вай ин ҳуқуқҳо на танҳо ба молу мулк ва амвол маҳдуд мешаванд, балки ҳуқуқ ба таълим, омӯзиш, тарбия ва рушди шахсиятро низ дар бар мегиранд. Аз ин рӯ, ҳуқуқҳои инсон танҳо ба ҷанбаҳои моддӣ вобаста набуда, балки барои камолоти руҳӣ ва расидан ба мақсадҳои ҳаётии инсон низ муҳим мебошад. Аз ин рӯ, асоси ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва таъмини зиндагии арзанда, омӯхтан ва парвариши маърифат, риояи принсипҳои ахлоқ ва табиӣ илм мебошад. Ӯ ба ин бовар буд, ки танҳо тавассути омӯзиш, тарбия ва истифодаи дурусти ҳуқуқҳо инсон метавонад ба мақоми воқеии инсоният ва камолоти худ бирасад.

ХУЛОСА
НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ИЛМИИ ТАҲҚИҚОТ

Муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар хулосаҳои зерин инъикос

гардидаанд:

1. Зиндагӣ ва фаъолияти илмию фарҳангии Салоҳуддини Салҷуқӣ дар муҳити иҷтимоиву сиёсие сурат гирифт, ки Афғонистон дар он давра дар остонаи гузариш аз суннатгароӣ ба навгароӣ қарор дошт. Ҷомеа, ки ба шиддати бархӯрди нерӯҳои анъанавӣ ва равшангаро рӯ ба рӯ буд, ниёз ба чеҳраҳое дошт, ки тавонанд робитаи муътадил миёни мероси исломӣ ва ҷаҳонбинии муосирро барқарор намоянд. Салҷуқӣ бо такя ба дониш, андеша ва фаъолияти васеи худ дар бахшҳои илму маориф, рӯзноманигорӣ, театр ва идораҳои давлатӣ тавонист яке аз пешоҳангони равандҳои ислоҳгароёна ва бедории фикрӣ дар кишвараш гардад [1-М].

2. Шаклгирии андешаи фалсафии Салҷуқӣ дар муҳити хонаводагии илмӣ ва дар асоси омӯхтани улуми шаръӣ ва мантиқ оғоз ёфта, баъдан бо омӯзиши амиқи забонҳои хориҷӣ ва иртиботи мустақим бо муҳитҳои илмии Шарқу Ғарб такмил ёфт. Ҷаҳонбинии ӯ, ки дар пояи таҳаммулгароӣ ва таҳлили фалсафӣ қарор дошт, таҳаввулоти иҷтимоиро, на ҳамчун тағйири зоҳирӣ, балки ҳамчун равандҳои маънавӣ ва фикрӣ баҳо медод [1-М; 2-М; 5-М].

3. Андешаҳои фалсафӣ ва ирфонии Салҷуқӣ бар зебоишиносӣ, инсоншиносӣ ва ахлоқи исломӣ асос ёфта, таваҷҷуҳи вижа ба камолоти маънавии инсон ва масъулияти иҷтимоии ӯ доранд. Аз нигоҳи Салҷуқӣ, инсон бояд тавассути маърифат ва ахлоқ ба мартабаи волои инсонӣ бирасад. Афкори ӯ дар соҳаҳои гуногуни фалсафа ирфон ва ахлоқи мутасаввифона бо диди мутавозин ва таҳлилгарона ифода ёфтаанд [2-М; 3-М; 4-М

4. Осори илмии Салҷуқӣ бо фарогирии мавзуҳои гуногуни фалсафӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоӣ саҳми арзишманде дар рушди таърихи фалсафа гузоштааст. Китобҳо ва мақолаҳои ӯ, аз ҷумла “Афкори шоир”, “Ахлоқи Арасту”, “Нақди Бедил”, “Тақвими инсон”, “Нигоҳе ба зебоӣ” ва ғайра дорои ҷанбаҳои таҳлилӣ ва муқоисавӣ буда, робитаи устувор миёни фалсафаи исломӣ ва афкори муосирро ба намоиш мегузоранд. Мероси илмии ӯ, на танҳо барои таҳқиқоти фалсафӣ ва таърихии имрӯзӣ арзишманд аст, балки манбаи илҳомбахш барои наслҳои нави муҳаққиқон ба шумор меравад [1-М].

5. Ташаккул ва такомули андешаҳои динӣ-фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ дар заминаи таълимоти исломӣ, фалсафаи Юнони қадим, ирфон, фалсафаи Машшоия, инчунин равияҳои муосири ғарб сурат гирифтааст. Дар навиштаҳои ӯ масъалаҳои ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ ва инсоншиносӣ муфассал таҳлил шуда, ҳамзамон ҷиҳатҳои манфӣ ва мусбати намояндагони равияҳои дар ин масъалаҳо изҳори назар намуда, мавриди интиқод қарор гирифтааст, ки аз назари танқидӣ ва андешаҳои шахсӣ доштани Салҷуқӣ шаҳодат медиҳад. Ӯ ҳар назарияро ба таври мустақил таҳлил намуда, дар баробари истифода аз онҳо, диди интиқодӣ ва синтезӣ низ пешниҳод кардааст.

6. Салҷуқӣ дар идомаи фаъолияти фалсафии худ ба назарияи “ваҳдати вуҷуд” таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, онро ҳамчун пойгоҳи

фикрии ирфонӣ ва маърифати илмӣ таҳлил намудааст. Вай фалсафа, шариат, ирфон ва илмҳои табииро ҳамчун равишҳои мукаммали шинохти ҳақиқат медонист ва бо таваҷҷуҳ ба анъанаҳои фалсафии мутафаккирони исломӣ кӯшиш мекард, ки миёни илми муосир ва андешаи суннатӣ ҳамоҳангӣ ба вуҷуд оварад. Аз нигоҳи ӯ, ҳадафи фалсафа фаҳмидани маншаи ҳастӣ, вазифаи илм дарк намудани низоми табиат ва мақсади ахлоқ роҳнамоии инсон ба сӯйи камол мебошад. [2-М; 4-М].

7. Дар маркази таълимоти ҳастишиносии ирфонии ӯ шинохти ҳастии мутлақ ва ягона тавассути таҷрибаи маънавӣ ва ботинӣ ҷой дорад, ки ҳастии воҷиб (Худо)-ро ҳамчун сарчашмаи аслии тамоми мавҷудот баррасӣ менамояд. Салоҳуддини Салҷуқӣ ҳастиро, на танҳо воқеияти мантиқӣ, балки таҷрибаи эҳсосиву ирфонӣ низ меҳисобад, ки инсонро ба вахдати вуҷуд ва маърифатталабӣ даъват мекунад ва дар он ақл ва эҳсоси ботинӣ барои дарки ҳақиқат ва камоли маънавӣ ҳамроҳ мешаванд.

8. Салоҳуддини Салҷуқӣ инсонро ҳамчун мавҷуди хосе мешиносад, ки аз ҷаҳони модда ба сӯйи ҷаҳони маънавӣ ва камол ҳаракат мекунад. Ӯ инсонро, на танҳо мавҷуди табиӣ, балки зоти маърифатталаб ва ахлоқпарвар донист, ки вазифаи асосиаш расидан ба ҳақ, хайр ва камолу ҷамолу мутлақ меҳисобад. Ба назари ӯ, инсон тавассути тарбияи ахлоқӣ ва маърифатӣ метавонад аз ҳолати ҷисмонӣ ба сатҳи маънавӣ ва рӯҳонӣ бирасад. Дар муқоиса бо файласуфони Юнони қадим, Салҷуқӣ фарқи байни инсон ва ҳайвонотро дар сатҳи маънавӣ ва ирфонӣ мебинад, на танҳо дар қобилияти нутқ ва ҳиссиёт. Вай бо таҳлили илмӣ ва мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки ҳатто баъзе ҳайвонот дорои ҳадаф, нутқ ва қобилияти ақлӣ ҳастанд, аммо инсон бо рушди комили маънавӣ, ақл ва иродаи мустақил фарқ мекунад ва ба сӯйи камолот қадам мегузорад. Яъне, Салоҳуддини Салҷуқӣ инсонро аз диди маърифатшиносии исломӣ баррасӣ намудааст, на аз мавқеи инсоншиносии биологӣ ё иҷтимоӣ. [2-М; 3-М].

9. Барои дониши объективӣ ва фундаменталӣ дар бораи одам мо бояд ба омӯзиши ӯ аз давраи аввали баъди таваллуд ва муносибатҳои вай дар ҳаёти ҷамъиятӣ шуруъ кунем. Ӯ пешниҳод мекунад, ки харитаҳои ҳаракати инсон аз хурдсолӣ бояд тартиб дода шавад ва дар он хислатҳо, сатҳи тафаккур, майлҳо, одатҳо, шавқу рағбатҳо, ҳавасҳои инстинктивӣ, бемориҳои гузашта ва ғайра инъикос шавад. Чунин муносибат ба мо имкон медиҳад, ки инсонро беҳтар омӯзем. [6-М].

10. Мақоми ақл дар таълимоти Салоҳуддини Салҷуқӣ бо таҷриба ва тазкия якҷо аст. Ақл, на танҳо василаи мантиқӣ ва далелёбӣ барои шинохти ҳастӣ аст, балки маркази мулоҳиза, ҳиссиёт ва таҷрибаҳои маънавӣ мебошад. Барои ӯ, ақл қобилияти ҷамъбаст кардани маълумот аз ҳиссиёт ва воситаҳои дигар аст ва дар баландтарин сатҳ бо ирода, ният ва маърифатталабӣ пайваст мешавад. Салҷуқӣ ақлро ҳамчун унсури муҳимтарини инсон медонад, ки бо иродаи озод ва ҳиссиёти амиқ пайваст шуда, инсонро ба сатҳи камоли маънавӣ ва ахлоқӣ мерасонад ва

шинохти ботиниро, ки бо ишқ ва таҷрибаи ирфонӣ алоқаманд аст, мукаммал мегардонад. Ин аз равиши ақлӣ ва мантиқии Абуалӣ ибни Сино фарқ дорад, ки шинохти ҳастиро асосан бо ақл ва бурҳонҳои мантиқӣ таъмин мекунад. Ба андешаи Салоҳуддини Салҷуқӣ, ақлоният бузургтарин фазилат аст. Зиндагии оқилона ҳатто уҳдадории ахлоқӣ дорад. Зиндагии оқилона тақозои зиндагии ахлоқӣ аст ва ҳар касе, ки оқилона зиндагӣ намекунад, на танҳо худро аз ҷиҳати зеҳнӣ-фикрӣ-ақидавӣ ва маърифатӣ боз медорад, балки аз арзишҳои ахлоқию маънавӣ низ маҳрум мешавад. [2-М].

11. Мақоми инсон дар назарияи Салҷуқӣ ба тарбияи ахлоқӣ, маърифати илмӣ ва таҷрибаи эстетикӣ вобастагӣ дорад, ки барои ташаккули шахсият ва пешрафти ҷомеа муҳим мебошад. Ӯ бар зидди индивидуализми ифротӣ ва иҷтимоигароии мутлақ қарор гирифта, инсонро мавҷуди биологӣ, оқил, бо ахлоқ ва зебоипараст мешиносад, ки дар иртибот бо ҷомеа ва фарҳанг маъно пайдо мекунад.

12. Дар таълимоти Салоҳуддини Салҷуқӣ маърифатшиносӣ ё гносеология ҳамчун илми шинохти ҳақиқӣ маънидод мешавад. Он бояд якҷо бо худшиносӣ ва дониши соҳаи табиат, мобаъду табиат ва риёзиёт баррасӣ гардад. Ӯ шинохти инсон ва оламро, на танҳо маҳдуд ба таҷрибаҳои ҳиссӣ медонад, балки ҷустуҷӯ ва омӯзиши маънии мутлақ ва ҳақиқати олами улвиро, ки аз доираи мантиқ ва ҳисси инсон берун аст, муҳим меҳисобад. Аз ин ҷиҳат, ақлу ирфон ва иртиботи он бо маърифати илоҳӣ нақши калидӣ доранд ва шинохти ҳақиқӣ тавассути таҳаммули шубҳа, худшиносӣ ва тафаккури маънавӣ амалӣ мегардад [2-М; 4-М].

13. Салҷуқӣ дар назарияҳои худ ба шинохти инсон ҳамчун мавҷуди мураккаб ва барҷаста таъкид мекунад, ки мақому шараф ва аҳамияти умумиаш фаротар аз маҳдудиятҳои табиӣ ва моддӣ мебошад. Ӯ инсонро ҳамчун «мушоҳидагар ва иродадори дорои ақл» мешуморад, ки ба воситаи ақл ва ирфон роҳи дурустро ёфта, метавонад дар роҳи рушди маънавӣ ва амалии худ пеш равад. Ба андешаи ӯ, ҳаёт ва мақсади инсон арзишманд буда, омӯзиш, интиқоди худаш ва талош барои беҳбудии доимӣ бояд ҳадафи аслии ӯ бошад, на лаззатҷӯӣ ё амалҳои фосид.

14. Бо вуҷуди баҳрабардорӣ аз таҷрибаи мутафаккирони гузашта, дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва фаъолияти илмии Салҷуқӣ вижагиҳои фикрии худи ӯ низ нақши асосӣ доранд. Салҷуқӣ, чун ҳар як донишманди бузург ба равиши таҳлилӣ ва танқидӣ такя карда, дар баррасии ҳар масъала андеша ва хулосаҳои шахсии худро пешниҳод менамуд. Масалан, ҳарчанд андешаи «ваҳдат-ул-вуҷуд»-и Ибн Арабиро эътироф мекунад, мавқеи ӯ ба ҳеҷ ваҷҳ бо он маҳдуд нест. Мундариҷаи китоби ӯ «Зуҳури Худо дар олами берунӣ ва ботинӣ» ба офариниши олами ҳастӣ бахшида шуда, зери таъсири андешаҳои Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ қарор гирифтааст, вале дар ин масъалаҳо дидгоҳи хоси худро баён мекунад. Салҷуқӣ низ аз «Маснавӣ»-и Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ илҳом гирифта, онро мешиносад, вале барои ҳар як андешаи худ дидгоҳи хоси худро нисбат ба ин масъала пешниҳод мекунад. Андешаҳои ӯ нисбати доири бедории

Шарқ, ба хусус мардуми Афғонистон зери таъсири андешаҳои Муҳаммад Иқбол қарор дошта бошад ҳам, дар ин бора назари тозаи худро низ иброз менамояд.

15. Салҷуқӣ дар осораш башариятро ба фазилат ва донишҳои ғайримутлақ даъват менамояд. Асарҳои ӯ ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоиро таҷассум намуда, дар маркази таваҷҷуҳи онҳо инсон, қобилиятҳо ва сифатҳои фарқкунандаи ӯ аз мавҷудоти дигар қарор доранд. Мутафаккир андешаҳои худро бештар бо забони печидаи илмӣ ва мафҳумҳои истиоравӣ (рамзӣ) баён мекунад. Аз ин рӯ, матни осори ӯ бе тафсири махсус, ки дар заминаи равиши герменевтикӣ ҳосил мегардад, ба осонӣ қобили фаҳм нест.

16. Мувофиқи заминаҳои фикрии Салҷуқӣ, маърифатшиносӣ ва инсоншиносӣ на ҳамчун ду соҳаи ҷудогона, балки дар як синтези амиқи фалсафӣ баррасӣ мешаванд. Ӯ раванди шаклгирии дониш ва методҳои ақлию интуитивиро бевосита бо сохтори рӯҳӣ-равонии инсон ва ҷойгоҳи ӯ дар ҳастӣ алоқаманд менамояд. Дар низоми фикрии мутафаккир, дарку таҳлили инсон дар чаҳорчӯбаи унсурҳои маънавӣ, фарҳангӣ ва таърихӣ сурат гирифта, омӯзиши табиати ботинии ӯ ҳамчун заминаи асосии эътибори маърифатӣ арзёбӣ мегардад. Салҷуқӣ тавонистааст бо омезиши ин ду самт, таҳаввулоти маънавии шахсият ва роҳҳои касби ҳақиқати мутлақро дар пайванди ногусастании зеҳну рӯҳи инсонӣ нишон диҳад.

Дар фарҷоми таҳқиқоти худ, ки ба таҳлили таълимоти фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ бахшида шудааст, инро илова карда, иброз медорем, ки таҳқиқоти мазкур наметавонад тамоми паҳлуҳои арзишманди осори ин донишманди ислоҳталабро фаро гирад. Зеро таълимоти Салоҳуддини Салҷуқӣ шомили масъалаҳои муҳими фалсафӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ, антропологӣ, маърифатшиносӣ ва иҷтимоию сиёсӣ буда, таҳқиқи ҳамаҷонибаи он аҳамияти зиёди илмию амалӣ доранд. Аммо ба бовории комил гуфта метавонем, ки маводу сарчашмаҳои илмии таҳқиқкардаи мо барои дигар муҳаққиқон ва ҳаводорони осори фалсафии ин файласуф метавонанд, манбаи боэътимод дар ин самт гарданд.

17. Таълимоти Салҷуқӣ дар заминаи ҳамоҳангии илм ва маърифат, адабиёт ва фалсафа таҳия шудааст. Ӯ таъкид мекунад, ки дониш ва фарҳанг на танҳо барои мақсадҳои техникиву амалӣ, балки барои такмили фазилатҳои инсонӣ ва баланд бардоштани ҳисси эстетитикии инсон хизмат мекунанд. Вай дар асарҳои худ дуруст ва ростқавлона зиндагӣ карданро ҳамчун омили асосии пешрафти ҷомеа ва шахсият медонад.

